UNITED NATIONS
HUMAN RIGHTS
OFFICE OF THE HIGH COMMISSIONER
Regional Office for Central Asia

PENAL REFORM INTERNATIONAL

# ҚОИДАҲОИ НЕЛСОН МАНДЕЛА



“Нашри мазкур бо дастгирии Намояндагии Penal Reform International дар Осиёи Марказӣ
ба забони тоҷикӣ тарҷума гардида, бо дастгирии Намояндагии минтақавии Раёсати Комиссари
олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон дар Осиёи Марказӣ дар Тоҷикистон ба забони тоҷикӣ чоп шудааст.”

# Ассамблеяи генералӣ

Тақсим.:Умумӣ
8 январи 2016с.

**Иҷлосияи ҳафтодум**
Банди 106 рӯзнома

## Қатъномае, ки аз тарафи Ассамблеяи генералӣ 17 декабри соли 2015 қабул карда шудааст

*[аз руи маърӯзаи Кумитаи сеюм (A/70/490)]*

## 70/175. Қоидаҳои стандартии ҳадди ақали Созмони Милали Муттаҳид нисбат ба муносибат бо маҳбусон (Қоидаҳои Нелсон Мандела)

*Ассамблеяи генералӣ,*

*максади асосии* Созмони Милали Муттаҳидро, ки дар муқаддимаи Оинномаи Созмони Миллаи Муттаҳид ва Эъломияи ҳуқуқи башар[1] ифода ёфтааст, ба роҳбарӣ гирифта ва бо нияти боз тасдиқнамоии эътиқод ба ҳуқуқҳои асосии инсон, ба эътибор ва арзиши шахсияти инсон бе ягон фарқият, дар баробарии занон ва мардон ва баробарии ҳуқуқҳои миллатҳои калон ва хурд амал намуда, шароите муҳайё сохтан даркор аст, ки дар он адолат ва эҳтиром ба уҳдадориҳое, ки аз шартномаҳои байналмилалӣ ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бармеоянд, метавонанд риоя карда шаванд, инчунин ба рушди иҷтимоӣ ва беҳтаргардии шароити зиндагӣ ҳангоми озодии комил мусоидат намуда,

*бо истинод* ба ҳамаи стандартҳо ва меъёрҳо дар самти пешгирии ҷиноят ва адолати суди иҷтимоӣ, ки бо хоҳиши Комиссия оид ба пешгирии ҷиноят ва адолати суди ҷиноятӣ таҳия карда шудаанд ва аз тарафи Ассамблеяи генералӣ қабул ва ё тавсия дода шудаанд ва ё аз тарафи Конгресси Созмони Милали Муттаҳид оид ба пешгирии ҷиноят ва муносибат бо ҳуқуқвайронкунандагон қабул карда шудааст, бо эътирофи он ки Эъломияи ҳуқуқи башар сарчашмаи руҳбаландӣ барои таҳияи стандартҳо ва меъёрҳои Созмони Милали Муттаҳид дар самти пешгирии ҷиноят ва адолати суди ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад,

*бо нарзардошти* кушиши чандинкаратаи Созмони Милали Муттаҳид ба гуманизатсияи адлати судии ҷиноятӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон ва мафҳуми асосии ҳуқуқи инсонро дар фаъолияти ҳаррӯза оид ба равон намудан ба адолати судии ҷиноятӣ ва пешгирии ҷиноятро қайд намуда,

1 Қатъномаи 217 (III)

*бо дарки он ки,* Қоидаҳои стандартҳои ҳадди ақали муносибат бо маҳбусон[2] стандартҳои ҳадди ақали ба таври универсалӣ эътирофшудаи нигоҳдории маҳбусон дар ҳабс ба ҳисоб меравад ва аз лаҳзаи қабули онҳо дар соли 1955 дар Конгресси Созмони Милали Муттаҳид оид ба огоҳинамоии ҷиноят ва муносибат бо ҳуқуқвайронкунандагон дар матни таҳияи қонунҳо, сиёсат ва таҷрибаи ба кори муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ вобастабуда таъсир ва аҳамият калон дорад,

*бо назардошти он ки,* дар Эъломияи Салвадор оид ба стратегияҳои маҷмӯӣ барои ҷавоб додан ба вокунишҳои глобалӣ: низоми пешгирии ҷиноят ва адолати суди ҷиноятӣ ва рушди онҳо дар ҷаҳони тағйирёбанда[3] , давлатҳо-аъзо эътироф намуданд, ки низоми боадолат, самаранок, ҳисоботдиҳанда ва инсонпарвари адолати судии ҷиноятӣ ҳангоми равон намудан ба адолати судӣ, пешгирии ҷиноят ва бурдани мубориза ба он, ба пайравӣ ба таъмини ҳифзи ҳуқуқи инсон асос меёбад ва арзишнокӣ ва мафҳуми стандартҳо ва меъёрҳои Созмони Милали Муттаҳидро дар самти пешгирии ҷиноят ва адолати судии ҷиноятӣ ҳангоми таҳия ва амалинамоии сиёсати миллӣ, расмиёт ва барномаҳо дар самти огоҳинамоии ҷиноят ва адолати судии ҷиноятиро тасдиқ намуданд,

*бо назардошти* рушди дурнамоии ҳуқуқи байналмилалии соли 1955 оғозёфта, ки ба муносибат бо маҳбусон таалуқ дорад, аз он ҷумла дар доираи ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ба монанди Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ[4] , Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ[4] ва Конвенсия бар зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва ё таҳқиркунандаи шаъну шараф[5] ва Протоколи факултативӣ ба он[6] ,

*бо истинод ба* стандартҳо ва меъёрҳои Созмони Милали Муттаҳид дар самти огоҳинамоии ҷиноят ва адолати судии ҷиноятӣ, ки ба муносибат бо ҳуқуқвайронкунандагон ва алтернативаҳои маҳкумшавӣ ба маҳбас таалуқ дорад, ки соли 1955 қабул шудааст, махсусан ба Расмиёти иҷрои самараноки қоидаҳои стандартии ҳадди ақали муносибат бо маҳбусон[7], Маҷмуи принсипҳои ҳимояи ҳамаи шахсони ба дастгиршавӣ ва ё маҳбас дар дилхоҳ шакл маҳкумшуда[8], Принсипҳои асосии муносибат бо маҳбусон[9], Қоидаҳои стандартии ҳадди ақали Созмони Миллаи Муттаҳид нисбати чораҳое, ки ба маҳкум шудан ба маҳбас алоқаманд нестанд (Қоидаҳои Токйо)[10] ва Принсипҳои асосии татбиқи барномаи адолати судии реститутсионӣ оид ба масъалаҳои адолати судии ҷиноятӣ[11],

---

[2] Ҳуқуқи инсон: маҷмуи шартнома хои байналмилалӣ. Ҷилди I (Қисми якум), Шартномаҳои универсалӣ [нашриёти Созмони Милали Муттаҳид, дар фуруш таҳти № R.02/XIV.4 (Vol.I, Part 1)], қисмати J, №34

[3] Қатъномаи 65/230, замима.

[4] Ниг. ба қатъномаи 2200 A (XXI), замима

[5] United Nations, Treaty Series, vol. 1465, № 24841.

[6] Ibid, vol.2375, № 24841.

[7] Қатъномаи 1984/47 Шурои Иқтисодӣ ва Иҷтимоӣ, замима.

[8] Қатъномаи 43/173, замима

[9] Қатъномаи 45/111, замима.

[10] Қатъномаи 45/110, замима

[11] Қатъномаи 200212 Шурои Иқтисодӣ ва Иҷтимоӣ, замима

*бо назардошти* зарурати баҳисобгирии дақиқи вазъи махсуси кудакон, ноболиғон ва занон ҳангоми равон намудан ба адолати судӣ, махсусан дар шароити маҳрум намудан аз озодӣ, ки ба он Қоидаҳои стандартҳои ҳадди ақали Созмони Милали Муттаҳид вобаста ба равон намудан ба адолати судӣ нисбат ба ноболиғон (Қоидаҳои Пекин)[12], Принсипҳои роҳбарикунандаи Созмони Милали Муттаҳид барои огоҳинамоии ҷиноят дар байни ноболиғон (Принсипҳои роҳбарикунандаи Эр-рияд)[13], Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид вобаста ба ҳифзи ноболиғони аз озодӣ маҳрумшуда[14] ва Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид вобаста ба муносибат бо занон-маҳбусон ва чораҳои ҷазодиҳӣ барои занон-ҳуқуқвайронкунандагоне, ки бо маҳрум намудан аз озодӣ вобаста нестанд (Қоидаҳои Банкок)[15] даъват менамоянд,

*бо истинод ба* стандартҳо ва меъёрҳои Созмони Милали Муттаҳид дар самти огоҳинамоии ҷиноят ва адолати судии ҷиноятии соли 1955 қабулшуда, ки ба сифати дастурамали иловагӣ дар масъалаҳои муносибат бо маҳбусон, аз он ҷумла Кодекси рафтори шахсони мансабдор оид ба дастгирии тартиботи ҳуқуқӣ[16] , Принсипҳои одоби тиббӣ, ки ба нақши кормандони тиб, махсусан духтурон дар ҳимояи маҳбусон ва ё шахсони дастгиршуда аз шиканҷа ва дигар муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф[17], Принсипҳои асосии татбиқи қувва ва яроқи оташфишон аз тарафи шахсони мансабдор оид ба нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ[18], Принсипи тафтишоти самаранок ва ҳуҷҷатнигории шиканҷа ва дигар муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф[19] ва Принсипҳо ва муқаррароти роҳбарикунандаи Созмони Милали Муттаҳид вобаста ба дастрасӣ ба кумаки ҳуқуқӣ ба низоми адолати судии ҷиноятӣ[20],

*бо назардошти* принсипҳо ва стандартҳои ба муносибат бо маҳбусон вобастабуда, аз он ҷумла Принсипҳо ва намудҳои беҳтарини таҷрибаи ҳифзи шахсони аз озодӣ маҳрумшуда дар минтақаи қитъаи Амрико, Қоидаҳои таҷдиди назаршудаи Аврупо нисбат ба маҳбасҳо, Эъломияи Кампал дар бораи шароити нигоҳдорӣ дар маҳбасхонаҳои Африқо[21] , Эъломияи Аруш дар бораи таҷрибаи дахлдори нигоҳдорӣ дар маҳбасҳо[22] ва Қоидаҳо ва принсипҳои роҳбарикунанда вобаста ба мурофиаи адолатнок ва ёрии ҳуқуқӣ дар Африқо,

---

[12] Қатъномаи 40/33, замима.
[13] Қатъномаи 45/112, замима.
[14] Қатъномаи 45/113, замима.
[15] Қатъномаи 65/229, замима.
[16] Қатъномаи 34/169, замима.
[17] Қатъномаи 37/194, замима.
[18] *Конгресси ҳаштуми Созмони Милали Муттаҳид оид ба пешгирии ҷиноят ва муносибат бо ҳуқуқвайронкунандагон, Гавана, 27 август-7 сентябри соли 1990: маърузаи аз тарафи Котибот омодашуда* (нашриёти Созмони Милали Муттаҳид, дар фуруш тахти № R.91.IV.2), боби I, қисмати В, замима.
[19] Қатъномаи 55/89, замима
[20] Қатъномаи 67/187, замима.
[21] Қатъномаи 1997/36 Шурои Иқтисодӣ ва Иҷтимоӣ, замима.
[22] Қатъномаи 1999/27 Шурои Иқтисодӣ ва Иҷтимоӣ, замима.

*ба истинод ба* қатъномаи худ таҳти 65/230 аз 21 декабри соли 2010 таҳти унвони «Конгресси бистуми Созмони Милали Муттаҳид оид ба пешгирии ҷиноят ва адолати суди ҷиноятӣ», ки дар он вай аз Комиссия оид ба пешгирии ҷиноят ва адолати суди ҷиноятӣ хоҳиш намудааст, ки гуруҳи байниҳукуматии экспертони ҳайати кушод барои мубодилаи маълумот дар бораи намудҳои беҳтарини таҷриба, инчунин қонунгузории амалкунандаи миллӣ ва ҳуқуқи амалкунандаи байналмилалӣ ва дар бораи таҷдиди назар намудани Қоидаҳои амалкунандаи стандартҳои ҳадди ақали Созмони Милали Муттаҳид дар самти муносибат бо маҳбусон, таъсис дода шавад, то ки онҳо муваффақиятҳои охирини илмӣ ва намунаҳои беҳтарини таҷрибаро дар самти фаъолияти муассисаҳои ислоҳотӣ-ҷиноятӣ ба назар гиранд,

*инчунин, ба истинод ба* қатъномаи худ таҳти 67/188 аз 20 декабри соли 2012, 68/190 аз 18 декабри соли 2013 ва 69/192 аз 18 декабри соли 2014, бо сарлавҳаҳои «Қоидаҳои стандартии ҳадди ақали муносибат бо маҳбусон», махсусан дар қатъномаи №68/190, ки дар он вай миннатдорона кореро, ки аз тарафи Гуруҳи экспертон оид ба Қоидаҳои стандартии ҳадди ақали муносибат бо маҳбусон анҷом додааст, қайд намуд ва қатъномаи 69/192, ки дар он вай қайд намуд, ки бояд кушишҳо барои ба охир расонидани ҷараёни таҷдиди назар дар асоси тавсияҳои се машварати Гуруҳи экспертон ва пешниҳодҳои давлатҳо-аъзо ба харҷ дода шавад,

*бо ёддошти он ки,* дар қатъномаи худ таҳти 68/190 вай тавсияҳои гуруҳи экспертҳоро вобаста ба масъалаҳо ва муқаррароти Қоидаҳои стандартии ҳадди ақали барои таҷдиди назар ҷамъ кардашуда ва ба масъалаҳои зерин таалуқдоштаро ба назар гирифтааст:

a) Эҳтироми эътибори инсонӣ ва аҳамияти шахсии маҳбусон (қоидаи 6, банди 1; 57-59; ва 60, банди 1),

b) Хизматрасонии тиббӣ ва ҳифзи саломатӣ (қоидаҳои 22-26; 52; 62; ва 71 банди 2),

c) Чораҳои интизомӣ ва чораҳои ҷазо, аз он ҷумла нақши корманди тиббӣ, хулосаи фардӣ ва кам намудани меъёри ғизо (қоидаҳои 27, 29, 31 ва 32),

d) Тафтишот бурдани ҳамаи ҳодисаҳои марг дар маҳбас, инчунин дилхоҳ аломатҳои шиканҷа ва ё намудҳои муносибат ва ҷазоҳои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шарафи маҳбусон ва ё тасдиқоти онҳо (қоидаи 7 ва қоидаҳои пешинҳодшавандаи 44 бис ва 54 бис),

e) Ҳимоя ва эҳтиёҷоти махсуси гуруҳи осебпазири шахсони аз озодӣ маҳрумшуда бо дар назардошти вазъият дар давлатҳое, ки дар шароити душвор қарор доранд (қоидаҳои 6 ва 7),

f) Ҳуқуқ ба дастрасӣ ба намояндагии ҳуқуқӣ (қоидаҳои 30;35, банди 1; 37; ва 93),

g) Шикоят ва назорати мустақил (қоидаи 36 ва 55),

h) Иваз намудани истилоҳоти куҳнашуда (қоидаи 22-26, 62, 82 ва 83 як қатор дигар қоидаҳо),

i) Ба кормандони дахлдор омузонидани татбиқнамоии Қоидаҳои стандартии ҳадди ақал (қоидаи 47),

*Инчунин бо ёддошти он ки,* дар қатъномаи худ тахти 69/192 вай боз қайд намуд, ки дилхоҳ тағйирот ба Қоидаҳои стандартии ҳадди ақал набояд сатҳи ягон стандартҳои амалкунандларо паст намояд, балки бо мақсади таъмини бехатарӣ ва шароити башардустӣ барои маҳбусон, муваффақиятиҳои охирини илмӣ ва намунаҳои беҳтарини таҷрибаро дар самти фаъолияти муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба назар гирад,

*бо ёддошти* ҷараёни фаъоли машваратии бо тавсияҳои Гуруҳи корӣ ба охиррасида, ки он панҷсол давом намуд ва машваратҳои пешакии техникӣ ва экспертӣ, машварат дар Вена, Буэнос-Айрес ва Кейптаун (Африқои Ҷанубӣ) ва иштироки фаъол ва саҳмгузории давлатҳо-аъзоро аз ҳамаи минтақаҳо дар бар мегирифт, инчунин аз дастгирии намояндагони шабакаи барномаи Созмони Милали Муттаҳид дар самти огоҳинамоии ҷиноят ва адолати судии ҷиноятӣ ва дигар муассисаҳои Созмони Миллаи Муттаҳид, аз он ҷумла Раёсати Комиссари Олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон, Зеркумита оид ба огоҳинамоии шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф, Раёсати Созмони Милали Муттаҳид оид ба нашъа ва ҷиноят, ташкилотҳои байниҳукуматӣ, аз он ҷумла Кумитаи байналмилалии салиби сурх, низоми муассисаҳои махсусгардонидашудаи Созмони Милали Муттаҳид, аз он ҷумла ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва экспертҳои алоҳида дар самти фаъолияти муассисаҳои иҷро ҷазои ҷиноятӣ ва ҳуқуқи инсон,

*бо истинод ба* қатъномаи худ 69/172 аз 18 декабри соли 2014, таҳти унвони «Ҳуқуқи инсон ҳангоми фиристодан ба адолати судӣ», ки дар он вай аҳамияти принсипро эътироф намудааст, ки мутобиқи он шахсони аз озодӣ маҳрумшуда, бояд истифодаи роҳ надодан ба риоя накардани ҳуқуқи инсон ва ҳамаи ҳуқуқҳои дигари инсон ва озодии асосии онро ба истиснои он маҳдудиятҳои қонуние, ки зарурати он бо далели маҳрумнамоии озодӣ шартгузорӣ шудааст, давом диҳад, дар бораи он хотиррасон намуд, ки сафедкунии иҷтимоӣ ва муттаҳиднамоии шахсони аз озодӣ маҳрумшуда, бояд яке аз мақсадҳои муҳимтарини низоми адолати суди ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, ба қадри имкон онро таъмин намояд, ки ҳуқуқвайронкунандагон барои бурдани ҳаёти қонунриоякунанда омода бошанд, махсусан эроди хусусияти умумидоштаи №21 дар бораи муносибати инсондустона бо шахсони аз озодӣ маҳрумшудагон, ки аз тарафи Кумита оид ба ҳуқуқи инсон қабул карда шудааст[23],

[23] *Ҳисоботи расмии Ассамблеяи генерелӣ, иҷлосияи чилу ҳафтум, Иловаи №40 (A/47/40), замимаи VI.B.*

1. *Сипос ва миннатдориро* ба Ҳукумати Африқои Ҷанубӣ барои гузаронидани машварати Гурӯҳи экспертон оид ба Қоидаҳои стандартии ҳадди ақали муносибат бо маҳбусон дар Кейптаун (Африқои Ҷанубӣ) 2-5 марти соли 2015, инчунин барои расонидани дастгирии молиявӣ ва иҷро нақши роҳбарикунанда дар доираи тамоми ҷараёни назорат, баён менамояд ва бо қаноатмандӣ консенсуси аз руи нуҳ самти мавзуӣ ва қоидаҳои барои таҷдиди назар намудан аз тарафи Гурӯҳи экспертҳо дар машваратҳои минбаъдаи худ бадастомадаро қайд менамояд[24];

2. *Миннатдориро ба* Ҳукумати Аргентина барои гузаронидан ва маблағгузорӣ намудани машварати Гурӯҳи экспертҳо дар Буэнос-Айрес 11-13 декабри соли 2012 ва ба Ҳукумати Бразилия барои саҳми молиявии он ба ташкили машварати Гурӯҳи экспертон, ки 25-28 марти соли 2014 дар Вена баргузор гардид, баён менамояд.

3. *Муҳимияти кори* бюрои машварати Гурӯҳи экспертонро, ки соли 2014 дар Вена баргузор шудааст, оид ба омоданамоии ҳуҷҷатҳо барои машварати Гурӯҳи экспертҳо, ки дар Кейптаун соли 2015 дар ҳамкории бо Котибот гузаронида шудааст, махсусан ҳуҷҷати кории муттаҳидаи таҷдиди назаршударо эътироф менамояд[25];

4. *Қайд менамояд, ки* Эъломияи Дохин дар бораи ворид намудани масъалаи пешгирии ҷиноят ва адолати судии ҷиноятӣ ба рузномаи боз ҳам васеи Созмони Милали Муттаҳид бо мақсади ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва мусоидат ба таъмини волоияти ҳуқуқ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин иштироки ҷомеа, ки аз тарафи Конгресси сенздаҳум оид ба огоҳинамоии ҷиноят ва адолати судии ҷиноятӣ қабул карда шудааст, ки он 12-19 апрели соли 2015[26] дар Давҳа гузашт, Конгресси сенздаҳум кори Гурӯҳи экспертонро маъқул донист ва ба маълумот лоиҳаи Қоидаҳои стандартии ҳадди ақали таҷдидшудаи муносибат бо маҳбусонро гирифт, ки таҳияи онро Гурӯҳи экспертон дар машварати худ, ки моҳи марти соли 2015 дар Кейптан гузашта буд, ба охир расонид;

5. *Матни таҷдиди* назаршудаи Қоидаҳои стандартии ҳадди ақали муносибат бо маҳсубсонро, ки дар замима ба қатъномаи мазкур мавҷуд аст, ба сифати Қоидаҳои стандартии ҳадди ақали Созмони Милали Муттаҳид нисбат ба муносибат ба маҳбусон қабул менамояд;

6. *Тавсияҳои* Гурӯҳи экспертонро дар бораи он ки, ин қоидаҳо бояд номи «Қоидаҳои Нелсон Мандел»-ро гирад, ба ҳурмати президенти марҳуми Африқои Ҷанубӣ Нелсон Ролихлахлы Мандел маъқул медонад, ки он дар ҳабс 27 соли худро дар рафти мубориза бо ҳуқуқи инсон, баробарӣ, демократия ва таъсисёбии фарҳанги ҷаҳонӣ дар тамоми ҷаҳон гузаронидааст;

---

[24] Ниг. ба E/CN.15/2015/17.

[25] UNODC/CCPCJ/EG.6/2015/2.

[26] Қатъномаи 70/174, замима.

7. *қарор мекунад,* ки доираи Рузи байналмилалии Нелсон Мандел васеъ карда шавад, ки он ҳар сол санаи 18 июл[27] ҷашн карда мешавад ва онро низ барои мусоидат намудан ба таъмини шартҳои инсондустонаи маҳкумшавӣ дар ҳабс истифода намояд, маърифатнокӣ дар бораи он ки маҳбусон қисми ҷудонопазири ҷомеа ба ҳисоб меравaнд ва барои эътирофи аҳамияти кори кормандони муассисаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун хизмати иҷтимоии аҳамияти махсус, ба давлатҳо-аъзо, ташкилотҳои минтақавӣ ва ташкилотҳои Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод менамояд, ки ин чорабиниро ба таври дахлдор қайд намоянд;

8. *боз тасдиқ менамояд, ки* дар матни банди 5 эродҳои пешакӣ нисбат ба Қоидаҳои Нелсон Мендел, хусусияти ғайриҳатмигии Қоидаҳоро қайд менамояд, гуногунии низоми ҳуқуқии давлатҳо-аъзоро эътироф менамояд ва бинобар ин, тасдиқ менамояд, ки давлатҳо-аъзо дар ҳолатҳои дахлдор метавонанд татбиқнамоии Қоидаҳоро мутобиқи низоми ҳуқуқи дохилии худ, бо дарназардошти руҳия ва мақсади Қоидаҳо мутобиқ гардонанд;

9. *давлатҳо-аъзоро даъват менамояд, ки* ба беҳтар намудани шароити нигоҳдории маҳбусонро мутобиқи Қоидаҳои Нелсон Мандел ва дигар стандартҳо ва меъёрҳои татбиқшавандаи Созмони Милали Муттаҳид дар самти огоҳинамоии ҷиноят ва адолати судии ҷиноятӣ кушиш намоянд, мубодилаи маълумотҳоро оид ба таҷрибаи бомуваффақ бо мақсади ошкорнамоии масъалаҳо дар ҷараёни амалинамоии Қоидаҳои ба вуҷудоянда давом диҳанд ва таҷрибаи худро дар самти бартарафнамоии ин масъалаҳо пешниҳод намоянд;

10. *пешниҳод менамояд, ки* Комиссия оид ба пешгирии ҷиноят ва адолати судии ҷиноятӣ дар иҷлосияҳои минбадаи худ имконияти аз на барқарор намудани кори гуруҳи экспертони байниҳукуматии ҳайати кушодаро оид ба Қоидаҳои стандартии ҳадди ақали муносибат бо маҳбусонро бо мақсади ошкор намудани сабақҳои гирифташуда, воситаҳои давом додани мубодилаи таҷрибаҳои бомуваффақ ва масъалаҳое, ки дар ҷараёни амалинамоии Қоидаҳои Нелсон Мандел ба вуҷуд меоянд, дида барояд;

11. *даъват менамояд, ки* давлатҳо-аъзо барои амалинамоии Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид вобаста ба ҳифзи ноболиғони аз озодӣ маҳрумшуда[14] ва Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид вобаста ба муносибат бо занон-маҳбусон ва чораҳои ҷазо барои занон-ҳуқуқвайронкунандагони бо маҳрумнамоӣ аз озодӣ вобастанабуда мусоидат намоянд (Қоидаҳои Банкок)[15];

---

[27] Ниг. ба қатъномаи 64/13

12. *тавсия медиҳад, ки* давлатҳо-аъзо минбаъд низ ба камнамоии пуршавии маҳбасҳо кушиш намоянд ва дар ҳолатҳои зарурӣ чораҳоеро татбиқ намоянд, ки онҳо ба маҳкумнамоӣ ба сифати таҷрибаи нигоҳдори дар ҳасби тосудӣ вобаста нестанд, ба васеъгардии дастрасӣ ба адолати судӣ ва механизми ҳифзи ҳуқуқ мусоидат намоянд, фаъолона алтернативаҳоро ба ҷои маҳкумнамоӣ ба маҳбас татбиқ намоянд ва барномаҳои сафедкунӣ ва муттаҳиднамоии иҷтимоиро мутобиқи Қоидаҳои стандартии ҳадди ақали Созмони Милали Муттаҳид нисбат ба чораҳое, ки ба маҳкунамоӣ ба маҳбас алоқаманд нестанд, дастгирӣ намояд(Қоидаҳои Токийо) [10];

13. *муҳимияти* мубодилаи ихтиёронаи таҷриба ва намудҳои бомуваффақияти таҷрибаҳо байни давлатҳо-аъзо ва дар ҳолатҳои зарурӣ бо ташкилотҳои дахлдор, инчунин бо дархости давлатҳо-аъзо расонидани кумаки техникӣ барои боз ҳам самаранок амалинамоии Қоидаҳои Нелсон Манделро қайд менамояд;

14. *даъват менамояд, ки* давлатҳо-аъзо имконияти ҷудо намудани захираҳои кадрӣ ва молиявиро барои мусоидат намудан ба беҳтарнамоии шартҳои нигоҳдории маҳбусон ва барои татбиқи Қоидаҳои Нелсон Мандел баррасӣ намояд;

15. *хоҳиш менамояд, ки* Раёсати Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи наъшаовар ва ҷиноят паҳнгардии васеи Қоидаҳои Нелсон Манделро таъмин намояд, маводҳои ёрирасонандаро омода намояд ва ба давлатҳо-аъзо кумаки техникӣ ва хизматрасонии машваратӣ дар самти ислоҳоти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо мақсади таҳия ва ё такмили қонунгузорӣ, рамиёт, сиёсат ва таҷрибаи ба фаъолияти низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ алоқаманд, мутобиқи Қоидаҳо расонад;

16. *миннатдориро* ба Комиссия оид ба пешгирии ҷиноят ва адолати суди ҷиноятӣ барои саҳмгузорӣ дар фаъолият оид ба такмили равон намудан ба адолати судӣ бо роҳи таҳия ва мушаххаснамоии стандартҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ дар самти огоҳинамоии ҷиноят ва адолати суди ҷиноятӣ баён менамояд ва давлатҳо-аъзоро даъват менамояд, ки дар ин самт кушишро ба харҷ диҳанд;

17. *хоҳиш менамояд, ки* Раёсати Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи нашъаовар ва ҷиноят ба мусоидат намудан ба татбиқнамоии стандартҳо ва меъёрҳои Созмони Милали Муттаҳид дар самти огоҳинамоии ҷиноят ва адолати судии ҷиноятӣ, аз он ҷумла бо роҳи пешниҳоди хизматрасониҳои машваратӣ ва кумаки техникӣ ба давлатҳо-аъзо аз руи дархости онҳо, аз он ҷумла расонидани кумак дар самти огоҳинамоии ҷиноят, адолати судии ҷиноятӣ ва ислоҳоти ҳуқуқӣ ва дар ташкили омоданамоии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, низоми пешгирии ҷиноят ва низоми адолати судии ҷиноятӣ, инчунин дастгирӣ ба роҳбарият ва идоракунии низоми иҷро ҷазои ҷиноятӣ, бо ин роҳ мусоидат намудан ба баландбардории самаранокӣ ва паҳнгардии имкониятҳоро давом диҳад;

18. *пешниҳод менамояд, ки* давлатҳо-аъзо ва дигар донорҳо захираҳои ғайрибуҷетиро барои мақсадҳои дар боло зикршуда мутобиқи қоидаҳо ва расмиёти Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод намоянд;

19. *нақши муҳими* шабакаи барномаи Созмони Милали Муттаҳидро дар самти пешгирии ҷиноят ва адолати судии ҷиноятӣ, ташкилотҳои байниҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ, ки дорои вазъи машваратиро дар назди Шурои Иқтисодӣ ва Иҷтимоӣ мебошанд, дар ҷараёни таҷдиди назар намудан ва мусоидат намудан ба паҳншавӣ, эътиборпайдонамоӣ ва татбиқи амалии Қоидаҳои Нелсон Мендел мутобиқи расмиёте, ки амалишавии самараноки онҳоро таъмин менамояд, тасдиқ менамояд.

*Иҷлосияи пленарии 80-ум,*
*17 декабри соли 2015*

**Замима**

**Қоидаҳои стандартҳои ҳадди ақали Созмони Милали Муттаҳид нисбат ба муносибат бо маҳбусон (Қоидаҳои Нелсон Мандел)**

**Эроди пешакии 1**

Қоидаҳои дар поён овардашуда мақсади ба таври мушаххас шарҳ додани низоми муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятиро надорад, балки танҳо барои он таъин шудаанд, ки дар асоси муваффақиятҳои ақидаҳои муосир ва бо дарназардошти элементҳои асосии низоми бештар қонеъкунанда дар айни замон он чиро ифода намоянд, ки одатан аз нуқтаи назари принсипиалӣ ва амалӣ дар самти муносибат ба маҳбусон ва идоракунии маҳбасхонаҳо дуруст ба ҳисоб меравад.

**Эроди пешакии 2**

1. Бо дарназардошти гуногунии шароитҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва геогерафӣ дар ҷаҳон аниқ аст, ки на ҳамаи ин қоидаҳоро дар ҳама ҷо ва якбора истифода кардан мумкин аст. Вале онҳо бояд дар ҳаёт кушиши мунтазамро ба паси сар намудани душвориҳои амалии дар сари роҳи амалинамоии онҳо ба вуҷудомада ҷалб намоянд, зеро умуман онҳо он шартҳои ҳадди ақалро ифода менамоянд, ки аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид қобили қабул ҳисобида мешавад.

2. Аз тарафи дигар онҳо доираи фаъолиятеро дар бар мегиранд, ки дар он ақида доимо ба пеш меравад. Онҳо мақсади монеа шудан ба гузаронидани амалияҳо ва таҷрибаҳои бо принсипҳои дар онҳо мавҷуда хос ва ба муваффақ шудан ба мақсадҳои дар онҳо муайяншударо надоранд. Дар ин асно маъмурияти марказии маҳбасҳо ҳама вақт метавонанд пурра ба таври асоснок аз ин қоидаҳои худдорӣ намоянд.

**Эроди пешакии 3**

1.Қисми I қоидаҳо ба идоракунии умумии маҳбасҳо таалуқ дорад ва нисбати ҳамаи категорияҳои маҳбусон, новобаста аз он ки онҳо аз руи парвандаҳои ҷиноятӣ ва ё гражданӣ маҳкум шудаанд ва оё онҳо танҳо таҳти тафтишот қарор дорад ва ё маҳкум шудаанд, аз он ҷумла маҳбусоне, ки ба мавзуи «чораҳои бехатарӣ» ва ё чораҳои ислоҳнамоии аз тарафи судҳо таъингардида таалуқ доранд, вобаста мебошанд.

2.Дар қисми II қоидаҳое, ки ба категорияҳои махсус дохил мегардан ифода ёфтаанд, ки онҳо дар ҳар як қисмҳо дарҷ гардидаанд. Вале қоидаҳое, ки дар қисмати A ифода ёфтаанд, ки онҳо ба маҳбусони маҳкумшуда таалуқ доранд, метавон дар сатҳи баробар нисбати он категорияҳои шахсоне, ки дар қисматҳои B, C, D дарҷ гардидаанд, татбиқ намуд, ба шарте, ки онҳо ба қоидаҳое, ки барои ин категорияҳои одамон таҳия шудаанд, мухолифат накунанд ва вазъияти охиринҳоро беҳтар намояд.

**Эроди пешакии 4**

1. Қоидаҳо мақсади батанзимдарории муассисаҳоро барои хурдсолон, ба монанди марказҳои нигоҳдорӣ дар ҳабс ва ё колонияҳои ислоҳӣ барои ноболиғон надорад. Новобаста аз ин, қисми I метавонад нисбати ин гуна муассисаҳо низ татбиқ карда шавад.

2. Ба категорияи хурдсолон ҳадди ақал ҳамон маҳбусони ҷавонеро ворид намудан мумкин аст, ки онҳо ба тобеияти судҳо оид ба ноболиғон ворид мегарданд. Чун қоида, чунин шахсони ҷавонро ба маҳбаси маҳкум намудан мумкин нест.

**I. Қоидаҳои умумитатбиқшаванда,**
**Принсипҳои асосӣ**

*Қоидаи 1*

Ҳамаи маҳбусон бояд аз муносибати эҳтиромонаи дар натиҷаи эътибори ба онҳо додашуда ва арзиши онҳо ҳамчун шахсият, истифода намоянд. Ҳеҷ яке аз маҳбусон набояд ба шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазоҳои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шарафи инсон гирифтор шаванд, ҳамаи маҳбусон бояд аз он ҳифз карда шаванд ва ягон вазъият ҳамчун асос барои онҳо ба ҳисоб намераванд. Доимо бояд муҳофизат ва бехатарии маҳбусон, ҳайати кормандон, шахсоне, ки хизмат мерасонанд ва зиёраткунандагон таъмин карда шавад.

*Қоидаи 2*

1. Қоидаҳои мазкурро бояд беғараз татбиқ намуд. Табъиз аз руи аломати нажодӣ, ранги пуст, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, сиёсӣ ва дигар эътиқодҳо, баромади миллӣ ва ё иҷтимоӣ, вазъи молумулкӣ, таваллуд ва ё дигар вазъиятҳо роҳ дода намешавад. Бояд эътиқоди динӣ ва муқаррароти маънавии маҳбусон эҳтиром карда шавад.

2. Бо мақсади татбиқи амалии принсипи ғайритабъизӣ, ба маъмурияти маҳбас зарур аст, ки эҳтиёҷоти фардии маҳбусонро, махсусан категорияи осебпазири маҳбусонро ба назар гирад. Бояд чораҳо оид ба ҳифз ва ҳавасмандгардонии ҳуқуқи маҳбусон бо эҳтиёҷоти махсус андешида шавад ва чунин чораҳо набояд табъизӣ ба ҳисоб раванд.

*Қоидаи 3*

Маҳкум намудан ва дигар чораҳое, ки шахсро аз муҳити атроф маҳрум менамояд, ба онҳо алакай заҳмат мерасонанд, зеро онҳо бо маҳрум намудан аз озодӣ, ҳуқуқи ин шахсонро ба худмуайянкунӣ маҳрум менамоянд. Бинобар ин, ба истиснои ҳолатҳое, ки қисмҳои алоҳида ба сафедшудагон дода мешавад ва ё ин интизомро талаб менамояд, низоми маҳбас набояд азоби аз ин муқаррарот барояндаро душвортар намояд.

*Қоидаи 4*

1.Мақсади маҳкумнамоӣ ба маҳбас ва ё маҳрумнамоии ҳамшабеҳ аз озодӣ, ин ба таври асосӣ ҳимояи ҷомеа аз ҷинояткорон ва камнамоии ҳодисаҳои ретседивизм ба ҳисоб меравад. Ин мақсадҳо танҳо метавонанд дар он ҳолат амалӣ карда шаванд, ки агар муҳлати маҳкумнамоӣ ба қадри имкон, барои таъмини муттаҳиднамоии ин шахсон дар ҷомеа пас аз озод шудани онҳо истифода карда шавад, то ки онҳо тавонанд мустақилона ва бо риояи қонун зиндагӣ намоянд.

2.Бинобар ин, маъмурияти маҳбас ва мақомоти ваколатдорро зарур аст, ки имконияти мавҷуда ва дахлдорро барои гирифтани таълим, тайёрии касбӣ ва корҳо, инчунин дигар намуди кумакҳо, аз он ҷумла кумакҳои дорои хусусияти ислоҳнамоӣ, маънавӣ, руҳӣ, иҷтимоӣ, тиббӣ ва варзиширо пешниҳод намояд. Ба ҳар ҳол, барномаҳо, чорабиниҳо ва хизматрасониҳо бояд бо дарназардошти эҳтиёҷоти фардии азнавтарбиякунонии маҳбусон амалӣ карда шавад.

*Қоидаи 5*

1. Реҷаи маҳбасҳо бояд кушиш намоянд, ки фарқияти байни ҳаёт дар маҳбас ва ҳаёт дар озодиро ба ҳадди ақал оваранд, ки он ҳисси масъулияти маҳбусон ва ё эҳтироми эътибори онҳоро ҳамчун шахс суст мегардонад.
2. Маъмурияти маҳбас тамоми чораҳои оқилонаро оид ба ҷобаҷонамоӣ ва мутобиқат барои таъмини он ки, маҳбусони дорои камбудии ҷисмонӣ, руҳӣ ва ё дигар камбудиҳо дастрасии пурра ва самаранокро ба ҳаёт дар маҳбас дар асоси баробарҳуқуқӣ дошта бошан, меандешанд.

**Тартиби кор бо парвандаи шахсии маҳбусон**

*Қоидаи 6*

Дар ҳамаи чойҳои нигоҳдорӣ дар маҳбас бояд низоми кори стандартизатсияшуда бо парвандаҳои шахсии маҳбусон мавҷуд бошад. Ба сифати чунин низом метавонад махзани электронии маълумотҳои бақайдгирӣ ва ё дафтар бо саҳифаҳои рақамгузоришуда ва имзошуда баромад намояд. Бояд расмиёт барои таъмини назорати боэътимод аз болои қайдҳои

баҳисобгирифташуда ва барои дастрасии беиҷозат ба дилхоҳ маълумот, ки дар ин низом ва ё ба тағйироти он мавҷуд аст, таҷдиди назар карда шавад.

*Қоидаи 7*

Ҳеҷ кас ба маҳбасҳо бе фармони ҳақиқӣ оид ба маҳкумшавӣ қабул карда намешавад. Ҳангоми ворид шудани маҳбус, ба низоми кор бо парвандаҳои шахсии маҳбусон маълумоти зерин ворид карда мешавад:

*a)* Маълумоти аниқе, ки имконияти муайян намудани шахсияти маҳбусро бо эҳтиром ба қабулнамоии шахсии онҳо, шабоҳати ҷинсии онҳо медиҳад;

*b)* Сабаби маҳкумшавӣ ва мақоме, ки барои қабули чунин қарор масъул мебошад, инчунин сана, вақт ва ҷои боздоштшавӣ;

*c)* Рӯз ва соати омадан ва баромадан аз ҷойҳои маҳкумшавӣ, инчунин дилхоҳ интиқолот;

*d)* Дилхоҳ зарари намоёни ҷисмонӣ ва шикоятҳо нисбат ба муносибати дағали ба вуҷудомада;

*e)* Руйхати ашёи шахсӣ;

*f)* Номҳои аъзои оила, аз он ҷумла, вақте ки татбиқпазир аст, кудакон ва сину соли онҳо, маҳалли ҷойгиршавӣ ва вазъи васоят ва парасторӣ;

*g)* Маълумоти мухтасар барои тамос дар вазъияти фавқуллода ва маълумот дар бораи хешовандони наздики маҳбус.

*Қоидаи 8*

Ба низоми кор бо парвандаҳои шахсии маҳбусон ҳангоми дар маҳбас қарор доштани онҳо, ҳангоми зарурат маълумоти зерин ворид карда мешавад:

*a)* Маълумот вобаста ба мурофиаи судӣ, аз он ҷумла санаи ҷаласаи судӣ ва намояндагии ҳуқуқӣ;

*b)* Ҳисобот оид ба баҳогузории ибтидоӣ ва тахассус;

*c)* Маълумот дар бораи рафтор ва риояи интизом;

*d)* Хоҳиш ва шикоятҳо, аз он ҷумла арз оид ба татбиқи шиканҷа ва дигар муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф, агар онҳо хусусияти шахсиро доро набошанд;

*e)* Маълумот дар бораи татбиқ шудани чораҳои ҷазои интизомӣ;

*f)* Маълумот дар бораи вазъият ва сабабҳои расонидани дилхоҳ зарари ҷисмонӣ ва ё марг, дар ҳолати охирин инчунин дар бораи ҷои ҷасад.

*Қоидаи 9*

Ҳамаи қайдҳои баҳисобгирифташудаи дар қоидаҳои 7 ва 8 дарҷгардида, ошкор карда намешавад ва танҳо ба он шахсоне пешниҳод карда мешавад, ки ӯҳдадории касбии онҳо мавҷудияти дастрасиро ба чунин қайдҳои баҳисобгирифташуда, талаб менамояд. Ба ҳар як маҳбус бояд дастрасӣ ба қайди баҳисобгирифташудаи ба вай тааллуқдошта, бо ихтисорот, бо иҷозати аз тарафи қонунгузории дохилӣ додашуда, пешниҳод карда шавад ва вай

ҳуқуқ ба гирифтани нусхаи махсуси чунин қайдҳои баҳисобгирифташударо ҳангоми озод шуданаш дорад.

*Қоидаи 10*

Низоми кор бо парвандаи шахсии маҳбусон инчунин барои гирифтани маълумотҳои боэътимод дар бораи тамоюлҳои ғунҷоиши маҳбасҳоро ифодакунанда ва дар бораи хусусиятҳои фарққунандаи онҳо, аз он ҷумла миқдори маҳбусҳо дар муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, бо мақсади таъсиси асоси барои қабули қарори асоснок, истифода шавад.

**Тақсимнамоӣ аз руи категорияҳо**

*Қоидаи 11*

Категорияи гуногуни маҳбусон дар муассисаҳои алоҳида ва ё дар қисматҳои гуногуни ҳамон як муассиса, бо дарназардошти ҷинс, сину сол, мавҷудияти доғи судӣ, сабабҳои ҳуқуқии маҳкумшавии онҳо ва навъи низоми таъиншуда, дар шакли зерин нигоҳ дошта мешаванд:

*a)* Мардҳо ва занонро аз руи имконият бояд дар муассисаҳои алоҳида нигоҳ дошта шавад; агар мардон ва занон дар ҳамон як муассиса нигоҳ дошта шавад, пас занон бояд дар минтақаҳои пурра ҷудошуда нигоҳ дошта шаванд;

*b)* Маҳбусҳои таҳти тафтишот қарордоштаро бояд аз маҳкумшудагон алоҳида нигоҳ дошта шавад;

*c)* Шахсонеро, ки барои иҷро накардани уҳдадориҳои қарзӣ маҳкум шудаанд, инчунин дигар маҳбусони аз руи парвандаи гражданӣ маҳкумшударо бояд аз шахсони содирнамудани ҷиноят алоҳида нигоҳ дошта шавад;

*d)* Ҳуқуқвайронкунандагони хурдсол бояд аз калонсолон алоҳида нигоҳ дошта шавад.

**Манзилҳо**

*Қоидаи 12*

Дар он ҷое, ки маҳбусон дар камераҳо ва ё ҳуҷраҳо шабро мегузаронанд, бояд ҳар яке аз онҳо камераи алоҳида ва ё ҳуҷраи алоҳида дошта бошад. Агар бо сабабҳои махсус, ба монанди пуршавии муваққатии маҳбасҳо, ки маъмурияти марказии маҳбасҳо маҷбур мешаванд, ки аз ин қоида даст кашанд, ҷойгирнамоии ду маҳбус дар ҳамон як камера ва ё ҳуҷра номатлуб ҳисобида мешавад.

Дар он ҷое, ки камераҳои умумӣ мавҷуданд, маҳбусҳои дар он ҷойгиршаванда бояд ба таври дақиқ интихоб карда шавад, то ки боварӣ ҳосил шавад, ки онҳо қобилияти якҷоя зиндагӣ карданро дар ҳамон шароит доранд. Шабҳо бояд назорати доимии ба хусусияти маҳбас хос амалӣ карда шавад.

*Қоидаи 13*

Ҳамаи манзилҳое, км маҳбусон истифода менамоянд, махсусан манзили хоб, бояд ба ҳамаи талаботҳои санитарӣ ҷавобгӯ бошанд, дар баробари ин,

бояд ба шароити иқлимии он аҳамияти махсус дода шавад, махсусан ба кубатураи (масоҳат) ин манзилҳо, ба масоҳати ҳадди ақали онҳо, ба равшаннамоӣ, гармкунӣ ва ҳавотозакунӣ.

*Қоидаи 14*

Дар манзилҳое, ки маҳбусон зиндагӣ ва кор менамоянд:

*a)* тирезаҳо бояд ҳаҷми кофиро барои он ки, маҳбусон тавонанд ҳангоми равшании рузона хонда ва кор намоянд ва чунон тарҳрезӣ шуда бошанд, ки дастрасии ҳавои тоза, новобаста аз он ки низоми сунъии ҳавотозакунӣ вуҷуд дорад ё не, таъмин карда шавад;

*b)* равшаннамоии сунъӣ бояд ба он дараҷае бошад, ки дар он маҳбусон тавонанд бе хатар ба чашм хонанд ва ё кор кунанд.

*Қоидаи 15*

Шароитҳои санитарӣ ба он дараҷае бошад, ки дар он ҳар як маҳбус тавонад эҳтиёҷоти табиии худро ҳангоми зарурат дар шароити тоза ва шоиста қонеъ гардонад.

*Қоидаи 16*

Насби ҳамомҳо ва миқдори душҳо бояд ба дараҷаи кофӣ бошад, то ки ҳар як маҳбус тавонад ва уҳдадор шавад, ки ҳангоми дараҷаи барои ҳар як иқлим мутобиқ оббозӣ намояд ва ё душ гирад ва ба он миқдоре, ки онро гигиенаи умумӣ бо дарназардошти вақти сол ва ноҳияи географӣ талаб менамояд, ба ҳар ҳол ақалан як маротиба дар як ҳафта дар иқлими боэътидол.

*Қоидаи 17*

Ҳамаи қисматҳои маҳбасҳо, ки онҳоро маҳбусон мунтазам истифода менамоянд, бояд ҳамеша ба тартиби дахлдор ва тозагии қатъӣ нигоҳ дошта шавад.

**Гигиенаи шахсӣ**

*Қоидаи 18*

1. Аз маҳбусон бояд талаб карда шавад, ки онҳо худро тоза нигоҳ доранд. Барои ин онҳоро бояд бо об ва лавозимоти ҳоҷатхонавӣ, ки барои нигоҳдории тозагӣ ва саломатӣ зарур аст, таъмин намуд.

2. Барои он ки маҳбусон намуди зоҳириро бо эътибори инсонии худ нигоҳ доранд, ба онҳо бояд имконияти нигоҳубин намудани муй ва риш, бо роҳи ба мардон додани иҷозат барои ришгирӣ, дода шавад.

**Либос ва лавозимоти хоб**

*Қоидаи 19*

1. Ба маҳбусоне, ки ҳуқуқи дар бар намудани либоси шахсиро надоранд, бояд маҷмуи либоси расмӣ, ки ба иқлим мутобиқат менамояд ва ба нигоҳдории саломатии онҳо дар вазъияти қонеъкунанда мусоидат менамояд, дода шавад. Ин либос набояд хусусияти таҳқиркунанда ва пастзанандаро доро бошад.

2. Либос бояд дар ҳолати тоза ва дуруст нигоҳ дошта шавад. Шустан ва иваз намудани либоси тоза бояд мутобиқи талаботи гигиена амалӣ карда шавад.

3. Дар ҳолатҳои истисноӣ, вақте ки маҳбус маҳбасро бо иҷозати ҳукуматдорон тарк менамояд, ба вай бояд иҷозат дода шавад, ки либоси шахсии худро ва ё дигар либосеро, ки ба чашм намерасад, пушад.

*Қоидаи 20*

Агар ба маҳбус пушидани либоси шахсӣ иҷозат дода шуда бошад, пас дар лаҳзаи қабул намудан ба маҳбас, бояд чораҳое андешида шавад, ки он тоза ва барои пушида гаштан мувофиқ бошад.

*Қоидаи 21*

Ба ҳар як маҳбус бояд кати алоҳида мутобиқи меъёрҳои миллӣ ва ё маҳаллӣ, ки дорои лавозимоти кофии хоб мебошад, таъмин карда шавад, ки онҳо дар лаҳзаи супоридан бояд тоза бошанд, дар ҳолати дуруст нигоҳ дошта шаванд ва ба он миқдоре иваз карда шаванд, ки тозагии онҳо таъмин карда шавад.

**Ғизо**

*Қоидаи 22*

1. Маъмурияти маҳбас бояд дар соатҳои муқаррарӣ барои ҳар як маҳбус хурокро таъмин намояд, ки он бояд барои нигоҳдории саломатӣ ва қувва кофӣ бошад, сифати хуб дошта бошад, хуб пухта шуда, тақсим карда шуда бошад.

2. Ҳар як маҳбус ҳангоми ба вуҷуд омадани эҳтиёҷот, бояд дорои оби нушокӣ бошад.

**Машқҳои ҷисмонӣ ва варзиш**

*Қоидаи 23*

1. Ҳар як маҳбусе, ки бо кор дар ҳавои тоза машғул нест, ҳар руз ҳуқуқ дорад ақалан як соат ба машқи ҷисмонӣ дар ҳавлӣ машғул шавад, агар ҳаво имконият диҳад.

2. Ба хурдсолон ва дигар маҳбусони сину соли мувофиқ, ки дорои вазъияти мутобиқи ҷисмонӣ қарор доранд, бояд машқи ҷисмонӣ ва имконияти бозӣ намудан дар муҳлати машқҳо таъмин карда шавад. Барои ин бояд майдонҳо, муқаррарот ва таҷҳизоти заруриро дошта бошад.

**Хизматрасонии тиббӣ-санитарӣ**

*Қоидаи 24*

1. Пешниҳоди хизматрасонии тиббӣ-санитарӣ ба маҳбусон уҳдадории давлат ба ҳисоб меравад. Ба маҳбусон бояд ҳамон стандартҳои хизматрасонии тиббӣ-санитарӣ таъмин карда шавад, ки он дар ҷомеа вуҷуд дорад ва ба онҳо дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ-санитарии ройгон бе ягон табъиз аз руи нишони вазъи ҳуқуқии онҳо таъмин карда шавад.

2. Ҳизматрасонии тиббӣ-санитариро бояд дар ҳамкории зич бо низоми мақомоти давлатии тандурустӣ ташкил карда шавад ва чунон ташкил карда

шавад, ки нигоҳубин ва табобати бетанаффус таъмин карда шавад, аз он ҷумла дар алоқамандӣ бо ВНМО, сил ва дигар бемориҳои сирояткунанда, инчунин мубталои нашъамандӣ гардида.

*Қоидаи 25*

1. Дар ҳар як муассисаи маҳбас бояд хадамоти тиббӣ-санитарӣ вуҷуд дошта бошад, ки ба он вазифаи баҳогузорӣ намудан, дастгирӣ намудан, ҳифз намудан ва беҳтар намудани саломатии ҷисмонӣ ва руҳии маҳбусон бо ҷудонамоии диққати баланд ба маҳбусони дорои эҳтиёҷоти махсус ба ёрии тиббӣ-санитарӣ ва ё дорои душворӣ ба саломатие мебошанд, ки барои барқарорнамоии онҳо монеа мешаванд, гузошта шудааст.

2. Ба ҳайати хадамоти тиббӣ-санитарӣ бояд дастаи серсоҳа бо миқдори кофии кормандони ихтисоснок, ки дорои мустақилияти пурраи клиникӣ мебошанд ва таҷриба ва дониши кофиро дар самти писхология ва психатрия доранд, дохил шаванд. Ҳар як маҳбус бояд имконияти истифода намудан аз хизматрасонии дандонпизишки боихтисос дошта бошад.

*Қоидаи 26*

1. Хадамоти тиббӣ-санитарӣ бояд кортҳои тиббии фардӣ, махфӣ, таҷдидшударо барои ҳамаи маҳбусон тартиб диҳад ва барад ва ба ҳамаи маҳбусон аз руи талаботи онҳо дастрасӣ ба кортҳои тиббии онҳо дода шавад. Маҳбус метавонад тарафи сеюмро барои гирифтани дастрасӣ ба корти тиббии худ таъин намояд.

2. Кортҳои тиббӣ бояд ба хадамоти тиббии муассисаи қабулкунанда ҳангоми интиқол додани маҳбус супорида шавад, маълумоти дар кортҳои тиббӣ мавҷудбуда бошад, махфӣ ба ҳисоб мераванд.

*Қоидаи 27*

1. Дар ҳолатҳои фавқуллода муассисаҳои маҳбас бояд дастрасии фавриро ба кумаки тиббӣ таъмин намоянд. Маҳбусони бемори ба хизматрасонии мутахассис ва ё дахолати ҷарроҳ эҳтиёҷдоштаро бояд ба муассисаҳои махсусгардонидашуда ва ё ба беморхонаҳои гражданӣ интиқол додан лозим аст. Дар ҳолатҳои мавҷуд будани беморхонаҳо дар худи хадамоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, бояд ин беморхонаҳо бо ҳайати кормандони кофӣ таъмин шуда бошанд ва бо таҷҳизоте, ки барои нигоҳубин ва табобат намудани маҳбусон ҳангоми фиристодани онҳо лозим аст, таҷҳизонида шуда бошад.

2. Қарорҳои клиникӣ танҳо аз тарафи мутахассиси масъулиятноки тиббӣ метавонад амалӣ карда шавад ва аз тарафи ҳайати кормандони ғайритиббии маҳбасҳо наметавонанд бекор ва ё сарфи назар карда шаванд.

*Қоидаи 28*

Муассисаҳои маҳбаси занона бояд бо манзилҳои махсус барои табобат ва нигоҳубини занони ҳомиладор ва таваллудкунандагон таъмин бошанд. Дар он ҷое, ки ин имкон дорад, бояд ба инобат гирифта шавад, ки тавлид дар маҳбас не, балки дар беморхонаҳои гражданӣ амалӣ карда шавад. Агар кудак дар маҳбас таваллуд ёбад, пас чунин вазъият набояд дар шаҳодатнома дар бора таваллуд дарҷ карда шавад.

*Қоидаи 29*

1. Қарор дар бораи додани иҷозат барои бо яке аз падару модар дар маҳбас мондани кудак, бояд ба манфиатҳои беҳтарини кудак асос ёбад. Дар онҷое, ки ба кудакон барои истодан дар ҳабс ҳамроҳи яке аз волидон асос меёбад, инҳо зарур аст:

бо хадамоти беруна ва дохилӣ оид ба нигоҳубин намудани кудакон, ки дорои ҳайати кормандони ихтисоснок мебошад, таъмин намудан, ки дар он кудаконро дар он тавре ҷойгир намудан лозим аст, ки онҳо аз тарафи падару модари худ бенигоҳубин мондаанд;

бо хизматрасонии махсуси тиббӣ-санитарии кудакона, аз ҷумла муоинаи вазъи саломатӣ ҳангоми омадан ва назорати мунтаззами мутахассисон аз болои рушди онҳо, таъмин карда шавад.

2. Ба кудакони дар маҳбас бо яке аз волидони худ қарордошта ҳамчун бо маҳбус муносибат намудан мумкин нест.

*Қоидаи 30*

Духтур ва ё дигар мутахассисони боихтисоси тиббӣ, новобаста аз он ки, онҳо ба ин духтур ҳисоботдиҳанда ҳастанд ё не, бояд ҳар як маҳбусро қабул намоянд, бо онҳо суҳбат намоянд ва пас аз ворид гардидан фавран ва баъд ҳангоми зарурат мавриди муоинаи тиббӣ қарор диҳанд. Диққати махсус бояд дода шавад:

a) ошкорнамоии эҳтиёҷот ба хизматрасонии тиббӣ-санитарӣ ва дидани ҳамаи чораҳои зарурӣ барои табобат;

b) ошкорнамоии ҳамаи муносибати дағалона, ки ба он маҳбусон метавонанд то қабул шудан ба маҳбас гирифтор шуда бошад;

c) ошкорнамоии дилхоҳ аломати стресси руҳӣ ва дигар намуди стресс, ки бо далели маҳрумнамоӣ аз озодӣ, ба ғайр аз ин хатари худкушӣ ва ё зараррасонӣ ба аъзои бадан, инчунин аломати абстиненсия, ки бо сабаби истеъмоли маводи нашъаовар, дорувории тиббӣ ва машруботи алологолӣ ба вуҷуд омадаанд; андешидани ҳамаи чораҳои дахлдори фардӣ ва ё гузаронидани табобати зарурӣ;

d) дар ҳамон ҳолатҳое, ки шубҳа вобаста ба мавҷудияти бемориҳои сироятӣ ба маҳбусон, ба ҷудонамоии клиникӣ ва табобати дахлдори чунин маҳбусон дар муҳлати амали карантин таъмин карда шавад;

e) ҳангоми зарурат муайяннамоии коршоямии маҳбусон ба кор, сарбории ҷисмонӣ ва иштирок дар дигар фаъолият.

*Қоидаи 31*

Духтур ва ё дигар мутахассисони боихтисоси тиббӣ, агар татбиқшаванда бошад, бояд дастрасии ҳаррузаро ба ҳамаи маҳбусони беморе, ки аз болои саломатии ҷисмонӣ ва руҳӣ ва ё ҷароҳат, шикоят менамоянд, инчунин ба дилхоҳ маҳбусе, ки нисбати он диққати махсус дода шудааст, дошта бошанд. Ҳамаи муоинаи тиббӣ бояд дар шароити махфияти пурра гузаронида шавад.

*Қоидаи 32*

1. Муносибат байни духтур ва ё дигар мутахассисони тиббӣ ва маҳбусон бояд ҳамон стандартҳои касбӣ ва одобе бошад, ки онҳо ба беморон дар ҷомеа татбиқ карда мешаванд, аз ҷумла:

*a)* уҳдадории ҳифзи саломатии ҷисмонӣ ва руҳии маҳбусон, профилактика ва табобати беморӣ танҳо дар асоси оқибатҳои клиникӣ;

*b)* риояи принсипи муносибати мутсақилонаи маҳбусон ба саломатии шахсии худ ва розигии оқилона дар муносибат бо духтур ва беморӣ;

*c)* махфияти маълумоти тиббӣ, агар ин таҳдиди ҳақиқӣ ва бевоситаро ба бемор ва ё дигар шахсон ба вуҷуд наорад;

*d)* манъи иштироки фаъол ва ғайрифаъол ба амалҳое, ки метавонанд шиканҷа ва дигар муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф оварда расонанд, аз он ҷумла озмоишҳои тиббӣ ва ё илмӣ, ки метавонанд ба саломатии маҳбусон зарар расонанд, бо монанди гирифтани ҳуҷайраҳо, бофтаҳои организм ва узвҳои маҳбусон.

2. Бе зарарасонӣ ба банди 1d қоидаи мазкур, ба маҳбусон метавонанд иҷозат дода шаванд-ҳангоми мавҷуд будани розигии оқилона ва мутобиқи қонунгузории амалкунанда- иштирок дар санҷишҳои клиникӣ ва дигар таҳқиқотҳои илмии тиббии дастрасӣ ҷомеабуда, агар чунин шуморида шавад, ки чунин иштирок ба саломатии онҳо фоидаи бевосита ва амалӣ мерасонад, инчунин ба сифати донорҳои ҳуҷайраҳо, бофтаҳои организмҳо ва узвҳо барои хишовандон баромад менамояд.

*Қоидаи 33*

Ҳама вакт, вакте ки духтур чунин шуморад, ки саломатии ҷисмонӣ ва руҳии маҳбус вайрон шудааст ва ё дар натиҷаи қарор доштан дар маҳбас ва ё бо ягон шароити маҳбас таҳдиди вайроншавиро дорад, духтур бояд фавран дар бораи ин ба директории муассисаи маҳбас гузориш диҳад.

*Қоидаи 34*

Агар дар рафти муоинаи маҳбус, ҳангоми омадан ва ё расонидани ёрии тиббӣ ба маҳбус, аз тарафи мутахассисони тиббӣ аломати шиканҷа ва дигар муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф ошкор карда шавад, онҳо бояд чунин ҳолатҳоро ҳуҷҷатнигорӣ намоянд ва дар бораи он ба мақомоти ваколатдори тиббӣ, маъмурӣ ва ё судӣ хабар диҳанд. Бояд кафолати дахлдори мурофиавӣ риоя карда шавад, то ки маҳбус ва ё шахсони ба он вобастабуда ба хатари тахминии расонида шудани зарар гирифтор нашаванд.

*Қоидаи 35*

1. Духтур ва ё мақоми давлатии ваколатдори тандурустӣ уҳдадор аст мунтазам назоратро амалӣ намояд ва вобаста ба масъалаҳои зерин ба директори муассисаи маҳбас гузориш намояд:

*a)* миқдор, сифат, тайёрнамоӣ ва шароити тақсимнамоии хурок;

*b)* гигиена ва тозагии муассиса ва маҳбусон;

*c)* санитария, гармнамой, равшаннамой ва ҳавотозакунӣ дар муассисаи маҳбас;

*d)* коршоямӣ ва тозагии либос ва лавозимоти махсуси маҳбусон;

*e)* риояи қоидаҳо вобаста ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, дар ҳолате ки ин кор ба ҳайати корманди боихтисос вогузор намешавад.

2. Директори муассисаи маҳбас бояд тавсияҳо ва гузоришҳои мутобиқи банди 1 қоидаи мазкур ва қоидаи 33 фиристодашавандаро ба назар гирад ва чораҳоро оиди дар амал татбиқ намудани тавсияҳо ва машваратҳои дар маърузаҳо дарҷгардида бинад. Агар ин машваратҳо ва тавсияҳо берун аз ваколати директори маҳбас бошад ва ё ҳангоми розӣ набудан бо онҳо, директор бояд фавран ба мақомоти болой гузориши шахсии худ ва машварат ва тавсияҳои духтур ва ё мақоми ваколатдори давлатии тиббиро пешниҳод намояд.

**Маҳдудият, интизом ва чораҳои ситонидан**

*Қоидаи 36*

Интизом ва тартибот бояд нигоҳ дошта шавад ва танҳо он маҳдудиятҳое ҷорӣ карда шавад, ки онҳо барои таъмини назорати боэътимод, фаъолияти бехатари муассисаи маҳбас ва риояи қоидаҳои дахлдори ҳаёти умумӣ дар он лозим аст.

*Қоидаи 37*

Ҷабҳаҳои зерин бояд ҳамавақт аз тарафи қонунгузорӣ ва ё санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақоми ваколатдори маъмурӣ ба танзим дароварда шавад:

*a)* рафторе, ки вайроннамоии интизомиро дар бар мегирад;

*b)* намуд ва муҳлати чораҳои ҷазо, ки метавонанд ба маҳбусон гузошта шаванд;

*c)* мақоме, ки ҳуқуқ гузоштани чунин чораҳои ҷазоро дорад;

*d)* дилхоҳ чораҳои маҷбуран ҷудонамой аз миқдори умумии маҳбусон, масалан ҳабси фардӣ, ҷудонамой, сегрегатсия, ҷойгирнамой дар карсер ва маҳдуднамоии шартҳои нигоҳдорӣ, хоҳ дар шакли ҷазои интизомӣ ва ё хоҳ барои нигоҳдории тартибот ва бехатарӣ, аз ҷумла ҷорӣ намудани принсипҳо ва расмиёте, ки истифоданамой ва таҷдид назар намудани тартиби татбиқ ва бекорнамоии дилхоҳ чораҳои ҷудокунии маҷбуриро ба танзим медароранд.

*Қоидаи 38*

1. Ба маъмурияти маҳбас тавсия дода мешавад, ки механизми пешгирии низоҳо, миёнаравӣ ва ё дилхоҳ усулҳои алтернативии ҳалли баҳсҳоро барои пешгирӣ намудани вайронкуниҳои интизомӣ ва ё батанзимдарории низоҳо, ба қадри имкон истифода намояд.

2. Нисбати маҳбусоне, ки дар айни замон ва ё пештар ҷудо шуда буданд, маъмурият маҳбас чораҳои заруриро барои кам намудани оқибатҳои эҳтимолии манфии маҳкум намудани онҳо, барои онҳо ва ҷомеаи онҳо пас аз озод шудани онҳо аз маҳбас мебинад.

*Қоидаи 39*

1. Чораҳои ҷазо нисбат ба маҳбусон метавонанд танҳо мутобиқи муқаррароти дар қонунгузорӣ ва ё санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар қоидаи 37 пешбинишуда ва принсипҳои адолатнокӣ ва расмиёти дахлдори ҳуқуқӣ ҷорӣ карда шавад. Маҳбус ҳеҷ вақт набояд ба ҷазои такрорӣ барои ҳамон як рафтор ва ё вайронкунӣ гирифтор карда шавад.

2. Маъмурияти маҳбас бояд мутобиқ будани ситониши маъмурӣ ва вайронкуниро, ки барои он чунин ситониш таъин карда мешавад, таъмин намояд ва баҳисобгирии дахлдори ҳамаи чораҳои интизомии таъиншударо амалӣ намояд.

3. Пеш аз таъин намудани ҷазои интизомӣ, маъмурияти маҳбас бояд масъалаи онро ки оё бемории руҳии маҳбус ва ё манъи рушди вай амалан ва дар кадом шакл ба рафтори вай ва содир намудани вайронкунӣ ва амале, ки сабаб барои татбиқ намудани чораҳои интизомӣ гаштааст, таъсир мерасонад. Маъмурияти маҳбас барои ягон амали маҳбус, ки натиҷаи бемории руҳии вай ва ё сустақлии маҳбус ба ҳисоб меравад, набояд чораҳои ҷазодиҳанда таъин намояд.

*Қоидаи 40*

1. Маҳбусон набояд ба таври интизомӣ ба кор оид ба хизматрасонии худи муассисаи маҳбас таъин карда шавад.

2. Вале ин қоида набояд ба фаъолияти дахлдори низоми худидоракунӣ, ки ҳангоми он масъулият барои намудҳои муайяни фаъолияти иҷтимоӣ, таълимӣ ва ё варзишӣ ба худи маҳбусон вогузор мешавад, ки онҳо дар зери назорат дар ҳайати гурухе, ки бо мақсади аз сари нав тарбия намудани онҳо ташкил мешавад, монеа шавад.

*Қоидаи 41*

1. Дилхоҳ ариза оид ба содир намудани ҳуқуқвайронкунии интизомӣ аз тарафи ин ва ё он маҳбус бояд фавран ба маълумоти мақоми ваколатдор, ки бояд онҳоро бенигоҳдорӣ таҳқиқ карда шавад, расонида мешавад.

2. Маҳбусонро бояд дар бораи хусусияти гуноҳи ба онҳо эълоншуда, бо забоне фаҳмонида шаванд, ки онро онҳо мефаҳманд ва онҳо бояд дорои вақт ва шартҳои кофӣ барои ҳимояи худ дошта бошанд.

3. Ба маҳбусон шахсан ҳимоя намудани худ ва ё бо истифода аз ёрии ҳуқуқӣ, вақте ки адолати суди инро талаб менамояд, махсусан дар ҳолатҳои гунаҳкор намудан ба ҳуқуқвайронкунии ҷиддии интизомӣ дода мешавад. Агар маҳбусон забонеро, ки ба он мурофиаи интизомӣ гузаронида мешавад, нафаҳманд ва ё ба он забон гап намезада бошанд, ба онҳо ба таври ройгон хизматрасонии тарҷумони касбӣ таъмин карда мешавад.

4. Маҳбусон бояд имконияти ба тариқи судӣ аз нав баррасӣ намудани ҷазои интизомии ба онҳо гузошташударо дошта бошанд.

5. Дар ҳолатҳое, ки вайронкунии интизомӣ ҳамчун ҷиноят таъқиб карда мешаванд, маҳбусон бояд ҳуқуқ ба ҳамаи кафолатҳои мурофиавии дахлдорро, ки ба адолати судии ҷиноятӣ таалуқ дорад, аз ҷумла дастрасии бемонеа ба адвокатро дошта бошанд.

*Қоидаи  42*

Шартҳои умумии нигоҳдории дар қоидаҳои мазкур баррасишаванда, аз он ҷумла шароите, ки бо равшаннамоӣ, ҳавотозакунӣ, ҳарорат, санитария, ғизо, таъмини оби нушокӣ, дастрасӣ ба саёҳат дар ҳавлӣ ва машғул шудан ба машқҳои ҷисмонӣ, гигиенаи шахсӣ, ҳифзи саломатӣ ва ҷудонамоии фазои шахсии зарурӣ, бояд нисбати ҳамаи маҳбусон бе истисно татбиқ карда шавад.

*Қоидаи 43*

1. Дар ягон ҳолат маҳдуднамоӣ ва ё ҷазои интизомӣ, ки ба шиканҷа ва ё дигар муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф баробармаъно мебошанд, наметавонанд табиқ шаванд. Махсусан бояд намудҳои зерини татбиқи таҷриба манъ карда шавад:

маҳкумнамоии фардӣ ба муҳлати номуайян;

маҳкунамоии фардии дарозмуҳлат;

ҷойгирнамоии маҳбус дар камера бе равшаннамоӣ ва ё дар камераи мунтазам равшан;

ҷазои ҷисмонӣ ва ё кам намудани намуди ғизо ва ё оби нушокии маҳбус;

ҷазои коллективӣ.

2. Ҳеҷ вақт ба сифати чораи ҷазо барои вайронкунии интизомӣ, воситаҳои оромкунандаро истифода намудан мумкин нест.

3. Ҷазои интизомӣ ва ё чораҳои маҳдудкунӣ набояд манъкунии вохурӣ бо оиларо дар бар гирад. Маҳдуднамоии вохӯрӣ бо оила метавонанд танҳо да муҳлати кӯтоҳ ва танҳо агар ин барои нигоҳ доштани бехатарӣ ва тартибот лозим бошад, татбиқ карда шавад.

*Қоидаи  44*

Барои мақсади қоидаҳои мазкур, мафҳуми маҳкумнамоии фардӣ, маънои маҳдуднамоии озодии маҳбусонро ба муҳлати 22 соат ва зиёда аз он бе тамоси пурмазмун бо одамонро дорад. Маҳкумнамоии фардии дарозмуҳлат маънои маҳкумшавии фардиро дар муҳлати зиёда аз 15 руз пайдарҳамро дорад.

*Қоидаи  45*

1. Муҳкумнамоии фардиро ҳамчун чораҳои қатъӣ танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ ба муҳлати кутоҳ, бо шарти амалинамоии назорати мутсақил ва танҳо бо иҷозати мақоми ваколатдор татбиқ намудан мумкин аст. Ин ҷазо набояд ҳамчун қарори маҳбус татбиқ карда шавад.

2. Ҷазо дар намуди маҳкумнамоии фардӣ нисбати маҳбусоне, ки гирифтори харобии руҳӣ ва ё камбудии ҷисмонӣ мебошанд, бояд манъ

карда шавад, агар андешидани чунин чораҳо ба бадтаршавии вазъияти онҳо оварда расонад. Мисли пештара манъ нисбати истифода намудани маҳкумнамоии фардӣ ва чораҳои ҳамшабеҳ вобаста ба ҳолатҳои ба занон ва кудакон алоқаманд амал менамояд, ки дар бораи он дар дигар стандартҳо ва меъёрҳои Созмони Милали Муттаҳид дар самти пештгирии ҷиноят ва адолати судии ҷинояти қайд гардидааст[28].

*Қоидаи 46*

1. Кормандони тиббӣ набояд дар татбиқнамоии ҷазои интизомӣ ва ё қабули дигар чораҳои маҳдуднамоӣ иштирок намоянд. Вале онҳо бояд диққати махсусро ба саломатии маҳбусоне, ки гирифтори дилхоҳ намуди ҷудонамоии маҷбурӣ гардидаанд, аз он ҷумла ҳар руз ин маҳбусонро хабар гиранд ва ба онҳо ёрии тиббии дахлдор ва табобатро аз руи дархости чунин маҳбусон ва ё ҳайати кормандони маҳбас пешниҳод намоянд.

2. Кормандони тиббӣ бояд фавран ба директори муассисаи маҳбас дар бораи таъсири манфии ҷазои интизомӣ ва ё дигар чораҳои маҳдуднамоӣ ба саломатии ҷисмонӣ ва ё руҳии маҳбусоне, ки ба чунин ҷазоҳо ва чораҳо гирифтор шудаанд, хабар диҳанд ва ақидаи худро ба маълумоти директор расонад, агар онҳо қатънамоӣ ва ё тағйир додани ҷазо ва ё чораҳоро бо сабаби вазъи ҷисмонӣ ва ё руҳии маҳбус зарур шуморанд.

3. Кормандони тиб бояд ҳуқуқи баррасӣ намудан ва тавсия додани тағйиротро ба низоми маҷбурии ҷудонамоии маҳбус бо мақсади таъмини он ки чунин ҷудонамоӣ ба бадтаршавии вазъи саломатӣ ва ё шиддат- гирии харобшавии руҳӣ ва ё камбудии ҷисмонии маҳбус дошта бошад.

**Воситаҳои оромкунанда**

*Қоидаи 47*

1. Истифоданамоии ишкелҳо, занҷирҳо ва дигар воситаҳои оромкунанда, ки аз руи табиати худ таҳқиркунандаи шаъну шараф ва ранҷурдиҳанда мебошад, бояд манъ карда шавад.
2. Дигар воситаҳои оромкунандаро истифода намудан лозим аст, агар ин аз тарафи қонун танҳо дар ҳолатҳои зерин иҷозат дода шуда бошад:

[28] Ниг. юа қоидаи 67 Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид, вобаста ба ҳифзи ноболиғони аз озодӣ маҳрумшуда (қатъномаи 45/113, замима); ва қоидаи 22 Қоидаҳои Созмони Милали Муттаҳид, вобаста ба муносибат бо занон-маҳбусон ва чораҳои ҷазо ба занон-ҳуқуқвайронкунандагони бо маҳрум намудан аз озодӣ вобастанабуда (Қоидаи Банкок)(қатъномаи 65/229, замима)

*a)* Барои пешгирӣ намудани гурехтан ҳангоми интиқол додан, ба шарте, ки маҳбусон аз роҳ озод мешаванд, ҳамон вақте ки онҳо дар назди мақомоти судӣ ва ё маъмурӣ қарор гиранд;

*b)* Бо фармони директори муассисаи маҳбас, агар дигар чораҳои назоратӣ бесамар гарданд, ба маҳбус барои расонидани зарар ба худ ва ё ба дигарон ва ё расонидани зарари моддӣ халал расонидан лозим бошад; дар чунин ҳолатҳо директор фавран духтурро ва ё дигар мутахассисони ихтисосноки тиббиро огоҳ менамояд ва ба мақоми болоии маъмурӣ маъруза пешниҳод менамояд.

*Қоидаи 48*

1. Агар истифодаи воситаҳои оромкунанда мутобиқи банди 2 қоидаи 47 иҷозат дода шуда бошад, пас принсипҳои зерин татбиқ мешавад:

a) Воситаҳои оромнамоӣ бояд танҳо дар он ҳолатҳое истифода шавад, ки шаклҳои нисбатан камтари қатъӣ барои бартараф намудани хатарҳои ба ҷойивазкунии бемаҳдуд вобастабуда, бесамар мебошанд;

b) Усули оромкунанда бояд нисбатан камтар қатъӣ бошанд, яъне онҳо барои назорат аз болои ҷойивазкунии маҳбус бо дарназардошти сатҳ ва хусусияти хатари бавуҷудоянда зарур ва оқилона бошанд;

c) Воситаҳои оромкунанда бояд танҳо дар муҳлати вақти зарурӣ истифода карда шавад ва онҳо бояд фавран, пас аз оне, ки хатарҳои бо ҷойивазкунӣ бемаҳдудият алоқаманд, амалашонро гум мекунанд, бекор карда шаванд.

2. Воситаҳои оромкунанда набояд ягон вақт нисбат ба занон ҳангоми дарди ҳомилагӣ, ҳангоми таваллуд ва фавран пас аз таваллуд татбиқ карда шавад.

*Қоидаи 49*

Ба маъмурияти маҳбас зарур аст, ки кушиши гирифтани дастрасӣ ба усулҳои назоратро намоянд, ки онҳо зарури истифода намудани воситаҳои оромкунандаро бартараф менамоянд ва ё хусусияти қатъии онро паст менамоянд, инчунин омодагии касбиро дар истифодаи онҳо таъмин менамоянд.

**Кофтукоби маҳбусон ва камераҳо**

*Қоидаи 50*

Қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи кофтукоби маҳбусон ва камераҳо бо дарназардошти зарурати таъмини бехатарӣ дар муассисаи маҳбаси мувофиқ, бояд ба уҳдадориҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ мутобиқат намояд ва стандартҳои ва меъёрҳои байналмилалиро ба назар гирад. Кофтукоб бояд тавре амалӣ карда шавад, ки он бояд эҳтиромро ба шаъну шарафи инсонӣ ва дахлнопазирии шахсии шахси кофтукобшаванда, инчунин риояи принсипҳои мутобиқат, қонуният ва заруратро таъмин намоянд.

*Қоидаи 51*

Кофтукоб набояд бо мақсади тарсонидан, ҳаросонидан ва ё таҷовузи беасос ба дахлнопазирии ҳаёти шахсии маҳбус истифода бурда шавад. Бо мақсади ҳисоботдиҳандагӣ, маъмурияти маҳбас бояд ҳисоботи дахлдорро дар бораи кофтукобҳо, махсусан дар бораи кофтукоб бо пурра кашидани либосҳо ва таҳқиқи баданҳо ва кофтукоби камераҳо, инчунин сабаби гузаронидани ин кофтукобҳо, маълумотҳо дар бораи шахсони онҳоро гузаронида ва натиҷаи кофтукобҳо нигоҳ дорад.

*Қоидаи 52*

1. Кофтукоби интрузивӣ. Аз он ҷумла кофтукоб бо пурра кашидани либос ва таҳқиқи баданҳо танҳо дар ҳолатҳои зарурӣ гузаронида мешавад. Ба маъмурияти маҳбас тавсия дода мешавад, ки усулҳои алтернатьивии дахлдори гузаронидани кофтукобро, ки ба шаклҳои интрузивии кофтукоб таалуқ надоранд, таҳия ва истифода намоянд. Кофтукобҳои интрузивӣ дар паси дарҳои баста гузаронида мешавад ва аз тарафи корманди тайёриро гузашташудаи ҳамҷинси маҳбус гузаронида мешавад.

2. Кофтукоб бо таҳқиқи бадан танҳо аз тарафи мутахассиси бохитисоси тиббӣ, ки масъулияти асосиро аз болои таъмини нигоҳубини маҳбусон ба зимма надорад ва ё аз тарафи корманде, ки ҳадди ақал тайёрии дахлдорро дар нази мутахассисони тиббӣ оид ба масъалаҳои риояи стандартҳои гигиена, ҳифзи саломатӣ ва бехатарӣ гузаштаанд, амалӣ карда мешавад.

*Қоидаи 53*

Маҳбусон бояд дастрасиро ба ҳуҷатҳое, ки ба истеҳсолоти парвандаи онҳо таалуқ дорад, дошта бошанд ва ё ба онҳо бояд иҷозат дода шавад, ки дар ихтиёри худ чунин ҳуҷҷатҳоро бе дастрасӣ аз тарафи маъмурияти маҳбас дошта бошанд.

**Маълумотнок намудани маҳбусон ва пешниҳоди шикоятҳо аз ҷониби онҳо**

*Қоидаи 54*

Ҳангоми қабул намудан ба маҳбас, бояд ба ҳар як маҳбус фавран маълумоти хаттӣ вобаста ба масъалаҳои зерин пешниҳод карда шавад:

*a)* қонунгузории маҳбас ва қоидаҳои амалкунандаи тартиботи дохилии муассисаи маҳбас;

*b)* ҳуқуқҳои вай, аз ҷумла усулҳои иҷозатдодашудаи ба дастории маълумот, дастрасӣ ба машваратҳои ҳуқуқӣ, аз он ҷумла бо воситаи низоми расонидани ёрии ҳуқуқӣ, инчунин расмиёти пешниҳоди ариза ва шикоятҳо;

*c)* уҳдадориҳои вай, аз он ҷумла татбиқи чораҳои ҷазои интизомӣ;

*d)* ҳамаи дигар масъалаҳои зарурӣ барои он ки ба маҳбус имконияти мутобиқ шудан ба шартҳои ҳаёт дар муассисаи маҳбас дода шавад.

*Қоидаи 55*

1. Маълумоти дар қоидаи 54 дарҷгардида, бояд бо забонҳои васеъ истифодашаванда мутобиқи эҳтиёҷоти ғунҷоиши маҳбас пешниҳод карда шавад. Агар маҳбус ҳеҷ яке аз онҳоро нафаҳмад, пас бояд кумаки тарҷумон пешниҳод карда шавад.

2. Маҳбусони бесавод бояд бо тартиби шифоҳӣ фаҳмонида шавад. Ба маҳбусони дорои ин ва ё он нозукии маъюбӣ, бояд маълумот бо дарназардошти эҳтиёҷоти онҳо пешниҳод карда шавад.

3. Маъмурияти маҳбас бояд ифодаи кутоҳи маълумоти дарҷгардидаро бояд дар ҷои намоёни манзили истифодаи умуми муассисаи маҳбас овезон намояд.

*Қоидаи 56*

1. Ҳар як маҳбас бояд имконияти ҳар руз муроҷиат намудан ба директори муассисаи маҳбас ва ё ба корманди аз тарафи вай ваколатдоршуда бо аризаҳо ва ё шикоятҳо муроҷиат намудан дошта бошад.

2. Бояд имконияти муроҷиат намудан бо ариза ва шикоятҳо ба нозирони маҳбас ҳангоми гузаронидани санҷиш аз тарафи онҳо дода шавад. Маҳбусон бояд имконияти озодона ва дар шароити махфигии пурра дар ғоибии директор ва ё дигар кормандони муассиса гапзанон намудан бо нозир ва ё ягон корманди нозирот дошта бошанд.

3. Ҳар як маҳбус бояд имконияти муроҷиат намудан ба мақоми марказии раёсати маҳбас ва мақомоти судӣ, дигар мақомоти ваколатдор, аз он ҷумла онҳое, ки барои аз нав баррасӣ намудани парванда ва ё андешидани чораҳо оид ба ислоҳи вазъият, бо аризаҳо ва ё шикоятҳо вобаста ба муносибат бо он, ки онҳо набояд маврид сензура аз нуқтаи назари нигоҳдорӣ қарор гиранд, ваколатдор шудаанд, дошта бошанд.

4. Ҳуқуқҳои дар бандҳои 1-3 қоидаи мазкур пешбинишуда, бояд ба адвокати маҳбус низ паҳн гардад. Дар ҳолатҳое, ки на маҳбус ва на адвокати вай имконияти амалинамоии чунин ҳуқуқҳоро доранд, инро метавонад яке аз аъзои оилаи маҳбус ва ё дилхоҳ шахси дигари бо вазъияти парванда шинос анҷом диҳад.

*Қоидаи 57*

Ҳамаи аризаҳо ва шикоятҳо бояд ба таври мухлатнок мавриди баррасӣ қарор дода шаванд ва ба онҳо бояд бе ягон кашолакорӣ ҷавоб додан лозим аст. Дар ҳолати рад кардани ариза ва ё шикоят ва ё дар ҳолати батаъхирандозии беасос, аризадиҳанда бояд ҳуқуқ равон намудани онҳоро ба мақомоти судӣ ва ё дигар мақомот дошта бошад.

Бояд кафолат барои таъмини он ки маҳбусон имконияти фиристодани ариза ва ё шикоятро бо роҳи бехатар ва махфӣ дошта бошанд, агар аризадиҳанда ва шикояткунанда дар бораи он хоҳиш намуда бошад. Маҳбус ва ё шахси дигари дар банди 4 қоидаи 56 зикргардида, набояд ба хатари гирифтани қасд, тарсонидан ва ё дигар таъсири манфӣ дар натиҷаи пешниҳоди ариза ва ё шикоят гирифтор шавад.

Тасдиқот оид ба шиканҷа ва дигар муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва ё таҳқиркунандаи шаъну шарафи маҳбус бояд фавран баррасӣ карда шавад ва предмети тафтишоти мухлатнок ва беғараз, ки аз тарафи мақомоти давлатии мустақил мутобиқи бандҳои 1 ва 2 қоидаи 71 гузаронида мешавад, гардад.

**Тамос бо дунёи беруна**

*Қоидаи 58*

1. Ба маҳбусон бояд имконияти мулоқот намудан дар фосилаи мунтазами вақт ва таҳти назорати дахлдор бо оила ва ё дустон дода шавад:

*a)* Бо воситаи мукотиботи хаттӣ ва бо истифода аз воситаҳои телекоммуникатсионӣ, электронӣ, рақамӣ ва ғайра, агар чунин имконият бошад; ва

*b)* дар рафти вохурӣ.

2. Дар он ҳолатҳое, ки вохурии ҳамсарон иҷозат дода шудааст, ин ҳуқуқ бояд бе ягон табъиз татбиқ карда шавад ва занон-маҳбусон бояд имконияти амалинамии он ҳуқуқро дар баробари мардон дошта бошанд. Бояд расмиёт пешбинӣ карда шавад ва манзил барои таъмини дастрасии адолатнок ва баробар, бо баҳисобгирии масъалаи таъмини бехатарӣ ва эҳтироми шаъну шараф ҷудо карда шавад.

*Қоидаи 59*

Маҳбусон бояд, ба қадри имкон, дар муассисаҳои маҳбасе ҷойгир карда шаванд, ки он дар наздикии хонаи онҳо ва ё дар наздикии барқарорнамоии иҷтимоии онҳо қарор дошта бошад.

*Қоидаи 60*

1. Иҷозат додани зиёраткунандагон ба муассисаи маҳбас, аз розигии зиёраткунандагон оид ба тафтиш намудани онҳо вобаста мебошад. Зиёраткунанда метавонад ҳар лаҳза қарори худро оид ба додани розигӣ иваз намояд, дар ин ҳолат маъмурияти маҳбас метавонад иҷозат доданро рад намояд.

2. Расмиёти тафтиш ва иҷозат додани зиёраткунандагон набояд таҳқиромез бошад ва бояд бо принсипҳое ба танзим даровarda шаванд, ки онҳо ҳадди ақал ҳамон хусусияти ҳифзшавандеро дошта бошанд, ки он дар қоидаҳои 52 ва 53 дарҷ шудаанд. Бояд аз кофтукоб бо таҳқиқи бадан худдорӣ карда шавад ва ҳеҷ вақт чунин кофтукобҳо нисбати кудакон гузаронида нашавад.

*Қоидаи 61*

1. Ба маҳбусон бояд имкониятҳои дахлдор, вақт ва шароит барои вохӯрӣ, мулоқот ва машварат бо адвокат аз руи интихоби шахсии худ ва ё бо шахсе, ки ёрии ҳуқуқӣ мерасонад, бе ягон таъхир, дахолат ва ё назорат ва дар шароити махфияти пурра аз руи дилхоҳ масъалаи ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории дохилии татбиқшаванда пешниҳод карда шавад. Машвартҳо метавонанд дар доираи назар, вале на дар доираи шунавоии ҳайати кормандони маҳбас гузаронида шаванд.

2. Дар он ҳолатҳое, ки маҳбусон бо забони таҳҷоӣ гап намезананд, маъмурияти маҳбас бояд дастрасиро ба тарҷумони мустақили боихтисос таъмин намояд.

3. Маҳбусон бояд ба ёрии ҳуқуқии самаранок дастрасӣ дошта бошанд.

*Қоидаи 62*

1. Ба шаҳрвандони хориҷие, ки дар маҳбас қарор доранд, бояд имконияти оқилонаи нигоҳдории алоқа бо намояндагиҳои дипломатӣ ва консулии давлати онҳо таъмин карда шавад.

2. Маҳбусоне, ки шаҳрвандони давлатҳое мебошанд, ки дар давлати мазкур намояндагии дипломатӣ ва консулӣ надоранд, инчунин гурезаҳо ва шахсони шаҳрвандӣ надошта, бояд имконияти нигоҳ доштани алоқа бо намояндагиҳои дипломатӣ ва консулии ҳамон давлате, ки ба худ ҳизфи манфиатҳои онҳоро гирифтааст ва ё бо дилхоҳ макомоти миллӣ ва байналмилалӣ, ки ба ҳифзи онҳо машғуланд, дошта бошанд.

*Қоидаи 63*

Ба маълумоти маҳбусон бояд хабарҳои муҳим бо роҳи додани имконияти хондани рузномаҳо ва маҷаллаҳо ва ё нашриётҳои махсуси маҳбас, гуш намудани радио ва иштирок намудан дар лексияҳо ва ё ки бо ёрии дилхоҳ воситаи дигаре, ки аз тарафи мақомоти маъмурияти маҳбас тафтиш ва иҷозат дода шудааст, дода шавад.

**Китобҳо**

*Қоидаи 64*

Ҳар як муассисаи маҳбас бояд китобхонае, ки барои ҳамаи категорияи маҳбусон дастрас аст ва дорои китобҳои хусусияти таълимӣ ва фориғболкунанда мебошад, дошта бошад. Ҳамаи маҳбусонро барои истифода намудани китобхона ҳавасманд гардонидан лозим аст.

**Дин**

*Қоидаи 65*

1. Агар дар муассиссаи маҳбас миқдори кофии маҳбусони ба ҳамон як дин пайравидошта мавҷуд бошад, пас бояд руҳонии боихтисоси ин дин таъин карда шавад ва ё ба вай иҷозат дода шавад, ки дар онҷо расму оинҳои дахлдорро гузаронад. Агар миқдори чунин маҳбусон ба таври кофӣ зиёд бошад ва имкониятҳо низ мавҷуд бошад, пас чунин руҳонӣ бояд ба таври доимӣ таъин карда шавад.

2. Руҳонии боихтисоси таъиншуда ва ё ба муассисаи маҳбас дар асоси банди 1 қоидаи мазкур роҳ додашаванда, бояд имконияти мунтазам гузаронидани расму оинҳои диниро дошта бошад ва дар доираи вақти барои ин кор ҷудошуда маҳбусонеро, ки пайрави дини вай мебошанд, барои суҳбат намудан дар мавзуҳои динӣ танҳо зиёрат намояд.

3. Маҳбусонро аз имконияти дастрасӣ ба намояндагони боихтисоси дилхоҳ дин манъ намудан мумкин нест. Аз тарафи дигар, агар маҳбус ба муқобили зиёрати руҳонӣ эътироз намояд, пас бояд ба мавқеи вай бо эҳтироми пурра муносибат намудан лозим аст.

*Қоидаи 66*

Дар доираи имкоиняти амалӣ барои ҳар як маҳбус бояд иҷозати қонеъгардонии эҳтиёҷоти динии худ, бо роҳи иштирок дар расму оинҳои динӣ дар дохили муассисаи маҳбас ва дар ихтиёри худ доштани навиштаҷоти динии ба дини вай хос иҷозат дода шавад.

**Нигоҳдории моликияти маҳбусон**

*Қоидаи 67*

1. Пул, ашёҳои қиматнок, либос ва дигар ашёҳое, ки маҳбус ҳуқуқи ба худ нигоҳ доштанро тибқи қоидаҳои амалкунандаи муассисаи маҳбас надорад, барои нигоҳдорӣ ҳангоми қабул он ба муассисаи маҳбас супорида мешавад. Ба рӯйхати чунин моликият аз тарафи маҳбус имзо гузошта мешавад. Бояд чораҳо барои дар ҳолати хуб нигоҳ доштани онҳо андешида шавад.

2. Ҳангоми озод гардидани маҳбус ҳамаи моликияти ба вай таалуқдошта ва пул баргардонида мешавад, ба истиснои маблағе, ки сарф намудани он ба вай иҷозат дода шуда буд, ашёҳое, ки ба вай иҷозати берун аз муассисаи маҳбус фиристодан дода шуда буд ва ё либосе, ки бояд аз нуқтаи назари санитарӣ сузонида мешуд. Маҳбус вобаста ба қабул намудани ашё ва пулҳои ба вай таалуқдошта имзо мегузорад.

3. Ин муқаррарот нисбати дилхоҳ маблағ ва ашёҳое, ки аз тарафи маҳбус ҳангоми омадан ба муассисаи мазкур ба даст оварда шудааст, татбиқ мегардад.

4. Агар маҳбус бо худ доруворӣ дошта бошад, қарор дар бораи он ки бо инҳо чӣ тавр рафтор намудан зарур аст, аз тарафи духтур ва ё корманди боихтисоси дигари тиббӣ қабул карда мешавад.

**Огоҳинамоӣ**

*Қоидаи 68*

Ҳар як маҳбус бояд ҳуқуқ, инчунин имконият ва воситаҳои фавран огоҳ намудани оилаи худ ва ё дилхоҳ шахси дигарро, ки ба сифати шахси тамосгиранда таъин шудааст, дар бораи маҳкумшавии худ, дар бораи интиқоли дода шудани худ ба дигар муассиса ва дар бораи беморecho ҷиддӣ ва ё зарари ҷисмонӣ дошта бошад. Пешниҳод намудани маълумоти шахсии маҳбусон аз тарафи қонунгузории дохилӣ ба танзим дароварда мешавад.

*Қоидаи 69*

Дар ҳолати марги маҳбус, директории муассисаи маҳбас фавран дар бораи он ба хеши наздики маҳбус ва ё шахси барои тамос таъиншударо дар вазъияти фавқулодда огоҳ менамояд. Шахсоне, ки аз тарафи худи маҳбусон бо мақсади гирифтани маълумот дар бораи саломатии вай таъин шудаанд, аз тарафи директор дар бораи беморӣи ҷиддӣ, зарари ҷисмонӣ ва ё интиқоли маҳбус ба муассисаи тиббӣ огоҳ карда мешавад. Бояд ба хоҳиши ошкоро дарҷгардидаи маҳбус дар бораи огоҳ накардани ҳамсар ва ё хешовандони наздик ҳангоми беморӣ ва ё зарари ҷисмонӣ эҳтиром карда шавад.

*Қоидаи 70*

Маъмурияти маҳбас фавран маҳбусро дар бораи беморӣи ҷиддӣ ва ё фавти хешовандони наздик ва ё ягон шахси аҳамиятдошта огоҳ менамояд. Агар вазъият иҷозат диҳад, ба маҳбус – таҳти ҳимоя ва ё мустақилона-зиёрат намудани хеши наздик ва ё шахси дигари аҳамиятдошта, дар ҳолатҳои бемории ҷиддии ин шахсон ва ё иштирок намудан дар ҷанозаи хешовандони наздик ва ё шахси дигари аҳамиятдошта бояд иҷозат дода шавад.

**Тафтишот**

*Қоидаи 71*

1. Новобаста ба оғози тафтишоти дохилӣ, директори муассисаи маҳбас фавран дар бораи дилхоҳ ҳолати марг, бедаракшавӣ ва ё зарари вазнини ҷисмонӣ дар маҳбасро ба мақомоти судӣ ва ё мақомоти дигари ваколатдор, ки аз маъмурияти маҳбас вобаста нест ва ба он супориш дода шудааст, ки тафтишоти беғаразона ва самараноки вазъият ва сабабҳои чунин ҳолатҳоро гузаронад, хабар медиҳад. Маъмурияти маҳбас бояд пурра бо ин мақом ҳамкорӣ намояд ва амнияти ҳамаи далелҳоро таъмин намояд.

2. Уҳдадории дар банди 1 қоидаи мазкур пешбинишуда, дар ҳаҷми баробар дар ҳама ҳолатҳо, вақте ки асосҳои оқилона дар бораи он ки дар муассисаи маҳбас ҳодисаҳои шиканҷа ва дигар муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаън шараф, новобаста аз он ки шикояти расмӣ қабул карда шудааст ё не, мавҷуд аст, татбиқ карда мешавад.

3. Агар асосҳои оқилона дар бораи он ки ҳодисаҳои дар банди 2 қоидаи мазкур пешбинишуда вуҷуд доранд, мавҷуд бошад, фавран чораҳо оид ба он ки ҳамаи шахсони эҳтимолан дахлдошта, бо ягон роҳ ба тафтишот алоқамандӣ надошта бошанд ва бо шоҳидон, ҷабрдидагон ва оилаи ҷабрдидагон тамос надошта бошанд, гирифта мешавад.

*Қоидаи 72*

Маъмурияти маҳбас ба ҷасади маҳбуси фавтида бояд ба таври шоиста ва бо эҳтиром муносибат намояд. Ҷасади маҳбуси фавтида бояд ба хешовандони наздики вай дар муҳлати кутоҳтарин ва аз ҳама дер пас аз ба охир расидани тафтишот баргардонида шавад. Маъмурияти маҳбас дар ҳолати набудани тарафи дигари масъуле, ки хоҳиш ва ё қобилияти гузаронидани ҷанозаро дорад, бояд барои гузаронидани ҷаноза бо дарназардошти расму оинҳои фарҳангӣ мусоидат намояд ва тамоми маводҳоро вобаста ба масъалаи мазкур ҳифз намояд.

**Ҷойивазкунии маҳбусон**

*Қоидаи 73*

1. Вақте ки маҳбусон ба ҷои дар ҳабс нигоҳдории худ мераванд ва ё аз як ҷои нигоҳдорӣ дар ҳабс ба ҷои дигари нигоҳдорӣ дар ҳабс интиқол дода мешаванд, бояд ба дараҷаи ниҳоӣ аз назари бегона пинҳон намудан лозим аст ва тамоми чораҳо барои ҳифз намудани онҳо аз таҳқирнамоӣ, зоҳир намудани кунҷковӣ ва дилхоҳ намудҳои ошкорнамоӣ, андешида шавад.

2. Интиқоли маҳбусон дар шароити беҳавоӣ ва ё дигар шароити зиёдатии вазинини ҷисмонӣ манъ аст.

3. Маҳбусон аз ҳисоби маъмурияти маҳбас интиқол дода мешаванд, дар баробари ин, интиқоли онҳо бояд дар шароити барои ҳама якхела амалӣ карда шавад.

**Ҳайати кормандони муассиса**

*Қоидаи 74*

1. Маъмурияти маҳбас бояд дар бораи интихоби дақиқи ҳайати кормандони ҳамаи категорияҳо чораҳои зарурӣ андешад, зеро идоракунии дахлдори муассисаи маҳбас аз бовиҷдонӣ, салоҳиятнокӣ, инсондустӣ ва сифатҳои шахсии ин ҳайати кормандон вобастагӣ дорад.

2. Маъмурияти маҳбас бояд ба кормандони худ ва ҷамъият ақидаеро таъкид намояд, ки ин кор аҳамияти калони ҷамъиятиро доро мебошад. Барои мустаҳкамнамоии ин ақида вай бояд имконияти маълумоти ҷамъиятиро истифода намояд.

3. Барои расидан ба мақсади дар боло зикргардида, кормандонро бояд ба вақти кори пурра ба сифати корманди боихтисоси маҳбас таъин карда шаванд, ки дорои вазъи хизматчии давлатӣ мебошад ва дорои боварӣ ба нигоҳдории онҳо дар мансаб вобаста аз рафтори хуби онҳо, самаранокии кори онҳо ва қобилияти ҷисмонии онҳо оид ба иҷрои вазифаҳои ба души онҳо вогузоршуда мебошанд. Музди меҳнати онҳо бояд бо чунин ҳисобе муқаррар карда шавад, ки дар ин кор мардон ва занони қобилиятдоштаро ҷалб ва нигоҳ дошта тавонад. Бо дарназардошти шароити истисноии душвори ин кор, ба ин шахсон бояд имтиёзҳо ва шароитҳои дахлдори меҳнатӣ таъмин карда шавад.

*Қоидаи 75*

1. Ҳамаи ҳайати кормандони маҳбас бояд дорои маълумоти дахлдор бошанд ва дорои имконият ва воситаҳо барои иҷрои уҳдадориҳои касбии худ бошанд.

2. Пеш аз оғоз намудан ба кор, ҳамаи кормандон бояд тайёриро бо дарназардошти уҳдадориҳои умумӣ ва мушаххаси корманди маҳбас гузаранд, ки он бояд амалияти муосири асосноки беҳтаринро дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ инъикос намояд. Ба кор дар муассисаҳои маҳбас бояд танҳо он номзадҳое қабул карда шаванд, ки онҳо бомуваффақият имтиҳонҳои назариявӣ ва амалиявиро дар охири чунин омузиш супоридаанд.

3. Маъмурияти маҳбас бояд мунтазам курсҳои омузиширо бе ҷудо намудани аз кор, бо мақсади дастгирӣ ва такмили дониш ва ихтисоси касбии кормандони худ пас аз ба кор шуруъ намудан ва дар рафти тамоми фаъолияти минбаъдаи онҳо, ташкил намояд.

*Қоидаи 76*

Омоданамоии дар банди 2 қоидаи 75 дарҷгардида, бояд ҳадди ақал омузишро аз руи масъалаҳои зерин дар бар гирад:

*a)* Қонунгузории дахлдори миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва сиёсат, инчунин ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ва минтақавии татбиқшаванда, ки муқарраротти онҳоро корманди маҳбас бояд дар кори худ ва ҳангоми тамос бо маҳбусон ба роҳбарӣ гирад;

*b)* Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корманди маҳбас ҳангоми амалинамоии функсияҳои худ, аз он ҷумла эҳтироми шаъну шарафи инсонии ҳамаи маҳбусон ва намудҳои манъшудаи рафтор, аз ҷумла шиканҷа ва дигар муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф;

*c)* Ҳимоя ва бехатарӣ, аз он ҷумла консепсияи бехатарии серамал, татбиқнамоии қувва ва воситаҳои оромнамоӣ ва муносибат бо ҳуқуқвайронкунандагони таҷовузкор, бо дарназардошти усулҳои огоҳикунанда ва усулҳои баэътидоловарии вазъият, ба монанди гуфтушунид ва миёнаравӣ;

*d)* Расонидани ёрии аввалин, эҳтиёҷоти иҷтимоӣ-руҳии маҳбусон ва амалияи мувофиқ дар шароити маҳбасҳо, инчунин кумаки иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ, аз он ҷумла масъалаҳои пештар ошкоршудаи ба саломатии руҳӣ вобастабуда.

2. Корандони муассисаи маҳбас, ки барои кор бо категорияи муайяни маҳбусон масъул мебошанд ва ё ба онҳо иҷроиши функсияҳои махсусгардонидашуда супорида шудаанд, омоданамоиро мегузаранд, ки дар рафти он ба масъалаҳои дахлдор аҳамияти махсус дода мешаванд.

*Қоидаи 77*

Ҳамаи кормандони муассисаи маҳбас бояд чунон рафтор намоянд ва уҳдадориҳои худро чунин иҷро намоянд, ки он барои маҳбусон намунаи ибрат бошад ва эҳтиром онҳоро ба даст оварад.

*Қоидаи 78*

1. Аз руи имконият ҳайати кормандони маҳбас бояд миқдори кофии чунин мутахассисон ба монанди психиатр, руҳшинос, кормандони иҷтимоӣ, омузгорон ва таълимдиҳандагони низоми ҳунариро дошта бошад.

2. Кормандони иҷтимоӣ, омузгорон ва таълимдиҳандагони интизоми ҳунариро бояд ба сифати кормандони доимӣ, вале бо дарназардошти шахсоне, ки дар вақти нопурраи кор, кор мекунанд ва ё кормандони ихтиёрӣ, таъин намуд.

*Қоидаи 79*

1. Ба вазифаи директории муассисаи маҳбас бояд шахсе таъин карда шавад, ки дорои қобилияти идоранамоӣ, омодагии дахлдор, таҷриба ва хусусияти кофии касбӣ мебошад.

2. Директори муассисаи маҳбас бояд ҳамаи вақти худро барои иҷро намудани уҳдадориҳои вазифавии худ сарф намояд ва бояд бо вақти пурраи корӣ кор кунад. Вай бояд дар ҳудуди муассисаи маҳбаси ба вай боваркардашуда ва ё бевосита дар наздикиҳои он зиндагонӣ намояд.

3. Вақте ки ба ҳамон як директор идоранамоии ду ва ё якчанд муассисаҳои маҳбас вогузор карда мешавад, вай уҳдадор аст, ҳар яке аз онҳоро дар фосилаи ками вақт боздид намояд. Роҳбарии ҳар яке ин муассисаҳоро бояд бар души корманди масъулиятноки дар онҷо истиқоматкунанда вогузор намуд.

*Қоидаи 80*

1. Директор, муовини вай ва бештари кормандони дигар муассисаи маҳбас бояд забонеро, ки бо он бештари маҳбусон гап мезананд ва ё забоне, ки барои бештари маҳбусон фаҳмо мебошад, донанд.

2. Дар ҳамон ҷое, ки зарур аст, бояд аз хизматрасонии тарҷумони ваколатдор истифода намуд.

*Қоидаи 81*

1. Дар муассисаҳои маҳбас, ки дар он ҳам мардон ва ҳам занон нигоҳ дошта мешаванд, шуъбаи занона бояд таҳти идораи корманди масъули ҷинси зан қарор гирад, ки дар дасти он калидҳое, ки дастрасиро ба ин шуъба медиҳад, мавҷуд бошад.

2. Ҳеҷ як корманди ҷинси мард ба шуъбаи занона роҳ дода намешавад, агар вайро корманди ҷинси зан ҳамроҳӣ накунад.

3. Ғамхорӣ нисбати занони дар маҳбас қарордошта ва назорат аз болои онҳо бояд ба души танҳо кормандони ҷинси зан вогузор карда шавад. Вале ин набояд ба кормандони ҷинси мард, махсусан ба духтурон ва омузгорон барои иҷро намудани уҳдадориҳои касбии худ дар муассисаҳоиислоҳии занона ва ё дар шуъбаҳои барои занон ҷудошудаи муассисаи маҳбас халал расонад.

*Қоидаи 82*

1. Дар муносибати худ бо маҳбусон, корманди маҳбас танҳо дар ҳолатҳои муҳофизати худ ва ё кушиши гурехтан намудан, ки ин баробар аст ба фаъол ва ё ғайрифаъол муқобилат нишон додан ба фармонҳое, ки бо қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асос ёфтааст, ҳуқуқи истифода намудани қувваро дорад. Қормандоне, ки қувваро истифода менамоянд, бояд дар доираи зарурат қарор гиранд ва фавран дар бораи ин гуна ҳодисаҳо ба директори муассисаи маҳбас хабар диҳанд.

2. Бояд кормандони муассисаҳои маҳбасро бо омодагии махсуси ҷисмонӣ таъмин намуд, то ки он имконият диҳад, ки нияти таҷовузкоронаи маҳбусон ором карда шавад.

3. Кормандони муассисаи маҳбас ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои вазифавии худ дар муносибати бевосита бо маҳбусон набояд силоҳ дошта бошанд, ба ғайр аз ҳолатҳои истисноӣ. Ба ғайр аз ин, ҳуқуқи гирифта гаштани силоҳро танҳо он кормандони муассисаи маҳбас доранд, ки онҳо омодагии дахлдорро гузаштаанд.

**Тафтиши дохилӣ ва санҷиши берунӣ**

*Қоидаи 83*

1. Бояд ду низоми назорати мунтазами муассисаи маҳбас ва хадамоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ вуҷуд дошта бошад:

*a)* тафтиши дохилӣ ва ё маъмурии аз тарафи мақомоти марказии идораи маҳбасҳо гузаронидашаванда;

*b)* санҷишҳои берунӣ, ки аз тарафи мақоми аз маъмурияти маҳбас вобастанабуда, ки ба он метавонад мақоми байналмилалӣ ва ё минтақавӣ дохил шавад, гузаронида мешавад.

2. Дар ҳар ду ҳолат мақсади назорат ин боварӣ намудан ба он ки идораи муассисаҳои маҳбас мутобиқи қонунҳои амалкунанда, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, сиёсат ва расмиётҳои амалкунанда амалӣ карда мешавад, кори онҳо

ба вазифаҳои дар назди хадамоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ислоҳӣ гузошташуда мутобиқат мекунад ва ҳуқуқи маҳбусон ҳифз карда шудааст.

*Қоидаи 84*

1. Нозирон бояд ҳуқуқҳои зеринро дошта бошанд:

*a)* ба даст овардани дастрасӣ ба ҳамаи маълумотҳо дар бораи миқдори маҳбусони дар ҳасб нигоҳ дошташаванда, миқдори чунин ҷойҳо ва маҳалли ҷойгиршавии онҳо, инчунин ба ҳамаи маълумотҳое, ки ба муносибат бо маҳбусон таалуқ доранд, аз он ҷумла ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ ва шартҳои нигоҳдорӣ дар ҳабс;

*b)* бемонеа интихоб намудани муассисаи маҳбасе, ки онҳо мехоҳанд аз он боздид намоянд, аз он ҷумла бо роҳи гузаронидани тафтиши ғайринақшавӣ аз руи ташаббуси шахсӣ ва маҳбусоне, ки бо онҳо мехоҳанд ҳамсӯҳбат шаванд;

*c)* ҳангоми боздид бо маҳбусон ва кормандони маҳбаси суҳбатро бе шоҳидон ва дар шароити махфигии пурра гузаронад;

*d)* ба маъмурияти маҳбас ва дигар мақомоти ваколатдор тавсияҳо диҳад.

2. Ба ҳайати гуруҳи санҷиши беруна бояд нозирони бохитисос ва ботаҷриба, ки аз тарафи мақомоти ваколатдор таъин шудаанд, аз он ҷумла мутахассисони соҳаи тиб низ дохил гарданд. Ба намояндагони баробари занон ва мардон бояд аҳамияти ҷиддӣ дода шавад.

*Қоидаи 85*

1. Дар натиҷаи ҳар як тафтиш бояд ҳисоботи хаттӣ ба мақоми ваколатдор пешниҳод карда шавад. Аҳамияти ҷиддиро ба интишор намудани ҳисоботҳо оид ба натиҷаи санҷишҳо берунӣ равона намудан лозим аст, ба истиснои ягон маълумоти шахсӣ дар бораи маҳбус, агар онҳо розигии ошкоро ифоданамудаи худро надода бошанд.

2. Маъмурияти маҳбас ва ё дигар мақомоти ваколатдор, вобаста аз вазъият, бояд дар муҳлати оқилона нишон диҳанд, ки оё онҳо тавсияҳоро аз руи натиҷаҳои санҷиш иҷро мекунанд ё не.

**II. Қоидаҳое, ки нисбат ба категорияҳои махсус татбиқ мегарданд**
**А. Маҳбусони маҳкумшуда**
**Принсипҳои роҳбарикунанда**

*Қоидаи 86*

Принсипҳои роҳбарикунандаи дар поён овардашуда, руҳеро инъикос менамоянд, ки дар он бояд муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ идора карда шаванд ва мақсадҳое, ки барои амалинамоии онҳо ин муассисаҳо, бо дарназардошти эроди пешакии 1 қоидаҳои мазкур кушиш намоянд.

*Қоидаи 87*

Хуб мешуд, агар пеш аз ба охир расидани адои муҳлати ҷазо, чораҳо оид ба тадриҷан баргардонидани маҳбус ба ҳаёт дар ҷамъият андешида шаванд. Ба ин мақсад танҳо бо дарназардошти хусусияти ҳар як ҳуқуқвайронкунанда, бо роҳи ҷорӣ намудани реҷаи махсус барои озодшавандагон ё дар худи муассисаи маҳбас ва ё дар ягон муассисаи дигар ва ё озоднамоии маҳбусон ба муҳлати санҷишӣ, ки дар муҳлати он онҳо таҳти назорат қарор доранд, бо шарте, ки чунин назорат ба души

ҳокимияти милитсия вогузор карда намешавад ва бо кумаки самараноки иҷтимоӣ мутобиқат менамояд, метавон расид.

*Қоидаи 88*

1. Дар муносибат бо маҳбусон набояд хориҷнамоии онҳо аз ҷомеа қайд карда шавад, балки он вазъияте қайд карда шавад, ки онҳо аъзои он буданро давом медиҳанд. Аз ин ру, ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ зарур аст, ки дар ҳамон ҷое, ки ин имконпазир аст, бо мақсади баргардонидани маҳбусон ба ҳаёт дар ҷомеа, кормандони маҳбасро ба ҳамкорӣ ҷалб намоянд.
2. Дар назди ҳар як муассисаи маҳбас бояд кормандони иҷтимоиро нигоҳ доштан лозим аст, ки он дар бораи дастгирӣ ва мустаҳкамнамоии муносибатҳои маҳкумро бо оилаи вай мусоидат менамояд ва метавонад ба вай аз тарафи ташкилотҳои иҷтимоӣ фоида оварад. Бояд чораҳо нисбати он андешида шаванд, ки муҳбусон тавонанд ҳар чи бештар бо қонун, шароити ҳукми онҳо ва ҳуқуқ дар самти манфиатҳои граждании онҳо, таъминоти иҷтимоӣ ва дигар имтиёзҳои иҷтимоӣ, мутобиқат намоянд.

*Қоидаи 89*

1. Дар ҳаёт татбиқнамоии ин принсипҳо рафтори фардиро бо маҳбусон, мутобиқан низоми нозуки тансифи онҳоро бар гуруҳҳо тақозо менамояд. Аз ин ру, хуб мешуд, ки агар ин намуди гуруҳҳо дар муассисаҳои маҳбаси алоҳида, ки барои бурдани кор бо ҳар яки онҳо мусоид аст, ҷойгир карда шавад.
2. Дар чунин муассисаҳои маҳбас андешидани чораҳои якхелаи ҳимоя барои ҳар як гуруҳ ҳатмӣ нест. Инчунин, хуб мешуд, агар қатъияти ин чораҳо вобаста аз гуруҳ дараҷабандӣ карда мешуд. Шароити бештар мусоид барои аз сари нав тарбия намудани маҳбусони дақиқ интихоб намуда, дар муассисаҳои маҳбаси кушод мавҷуд аст, ки дар он такя ба воситаҳои ҷисмонии пешгирӣ намудани гурехтан намекунанд, балки ба худи интизом такя менамоянд.
3. Хуб мешуд, ки агар миқдори маҳбусони дар муассисаҳои маҳбаси пушида нигоҳдошташаванда бо он дараҷае зиёд набошад, ки нисбат ба онҳо рафтор фардӣ намудан мумкин бошад. Дар баъзе давлатҳо чунин мешуморанд, ки миқдори ғунҷоиши муасисаҳои маҳбас набояд аз 500 нафар зиёд бошад. Дар муассисаҳои маҳбаси кушод бояд кушиш намудан лозим аст, ки миқдори ками маҳбусон нигоҳ дошта шаванд.
4. Аз тарафи дигар, маҳбасҳо бояд ҳаҷми кофиро барои он ки дар он таъмин намудани имкониятҳо ва хизматрасониҳои дахлдор мавҷуд бошад, дошта бошанд.

*Қоидаи 90*

Уҳдадориҳои ҷамъият бо озод намудани маҳбус ба охир намерасад. Бинобар ин, бояд мақомоти давлатӣ ва хусусие доштан лозим аст, ки онҳо қобилияти ғамхории дахлдорро дар бораи маҳбусони озодшуда, бо роҳи мубориза бо хуруфотҳое, ки қурбони он гаштаанд, доранд ва ба онҳо барои аз сари нав ба ҳаёти ҷамъиятӣ ҳамроҳ шудан кумак мерасонанд.

**Муносибат бо маҳбусон**

*Қоидаи 91*

Дар муносибат бо шахсони ба ҳабс маҳкумшуда ва ё бо дигар чораи ҷазо маҳкумшуда, бо дарназардошти муҳлати адонамоии муҳлат, кушиш намудани лозим аст, ки ба онҳо хоҳиши итоат намудан ба қонун талқин карда шавад, эътирофи мавҷудияти худ пас аз озод шудан таъмин карда шавад, инчунин ба ҳаёти

нав мутобиқ гардонида шаванд. Муносибат бо онҳо бояд ба онҳо ҳисси қадру қиммати худ ва дарк намудани масъулияти худро мустаҳкам намояд.

*Қоидаи 92*

1. Бо ин мақсад бояд ҳамаи чораҳои дахлдор андешида шаванд, ба монанди хизматрасонии динӣ дар давлатҳое, ки ин имконпазир аст, омӯзиш, омодагии касбӣ ва муайяннамои ҷои худ, омӯзиши ҳодисаҳои мушаххаси иҷтимоӣ, машварат дар самти кортаъминкунӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва обутоби феъл, бо дарназардошти эҳтиёҷоти фардии ҳар як маҳбус, гузаштаи иҷтимоӣ ва ҷиноятии вай, имконият ва қобилияти ҷисмонӣ ва маънавии вай, миҷози вай, давомияти муҳлати маҳбусӣ ва имкониятҳои вай пас аз озодшавӣ.
2. Нисбати ҳар як маҳбуси ба муҳлати дароз маҳкумшуда, директори муассисаи маҳбас бояд ҳар чӣ тезтар маълумоти мукаммалро оид ба масъалаҳои дар банди 1 қоидаи мазкур пешбинишуда дастрас намояд. Ин маълумот ҳама вақт бояд гузориши духтур ва ё мутахассиси дигари боихтисоси тиббиро дар бораи вазъи ҷисмонӣ ва руҳии маҳбус дошта бошад.
3. Ин гузоришҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ба маҳбус таалуқдошта бояд ба парвандаи шахсии вай духта шаванд. Парванда бояд бо тамоми маълумотҳои нав пур карда шавад ва онро чунон нигоҳ доштан лозим аст, ки кормандон ҳангоми зарурат тавонанд ба он муроҷиат намоянд.

**Таснифот ва фардикунонӣ**

*Қоидаи 93*

1. Мақсади таснифот инҳо мебошанд:

*a)* ҷудонамоии маҳбусон аз онҳое, ки бо сабаби қувваи гузаштаи ҷиноятии худ ва ё феъли худ расонидани таъсири манфиро таҳдид менамоянд;

*b)* тақсимнамоии маҳбусон ба категорияҳо, ки корро бо онҳо бо мақсади баргардонидан ба ҳаёти ҷомеа осон менамоянд.

2. Корро бо категорияҳои гуногуни маҳбусон бояд аз руи имконият дар муассисаҳои маҳбасҳои гуногун ва ё дар шуъбаҳои гуногуни ҳамон як муассисаи маҳбас гузаронидан лозим аст.

*Қоидаи 94*

Дар муҳлати кутоҳтарин пас аз қабули ҳар як маҳбуси ба муҳлати дароз маҳкумшуда ва дар асоси омузиши феъли вай, бояд барномаи кор бо вай бо дарназардошти маълумот дар бораи эҳтиёҷоти фардӣ, қобилият ва майли вай таҳия намудан лозим аст.

**Имтиёзҳо**

*Қоидаи 95*

Дар ҳар як муассисаи маҳбас бояд низоми имтиёзҳо мавҷуд бошад ва усулҳои гуногуни муносибат бо категорияҳои гуногуни маҳбусон таҳия карда шавад, то ки онҳо ба рафторҳои хуб ҳавасманд гардонида шаванд, дар онҳо ҳисси масъулиятшиносӣ такмил дода шавад, ҳавасро оид ба аз нав тарбия намудани онҳо бедор карда шавад ва ҳамкорӣ бо онҳо дастрас карда шавад.

**Кор**

*Қоидаи 96*

1. Маҳбусони маҳкумшуда бояд имконияти кор кардан ва ё фаъолона иштирок намудан дар барқарорнамоии худ ҳангоми муқаррарнамоии коршоямии ҷисмонӣ ва руҳии онҳо аз тарафи духтур ва ё дигар мутахассисони боихтисоси тиббӣ, дошта бошанд.
2. Ба души маҳбусон бояд кори фоиданоке вогузор намудани лозим аст, ки он барои пур намудани рузи кории муқаррарӣ кофӣ бошад.

*Қоидаи 97*

1. Меҳнати маҳбусон набояд ба онҳо азобу уқубат орад.
2. Маҳбусон набояд дар ғуломӣ ва ё вазъияти ғайриихтиёрӣ нигоҳ дошта шаванд.
3. Ҳеҷ яке аз маҳбусон набояд барои манфиати шахсӣ ва ё хусусии ягон касе аз кормандони маҳбас кор кунад.

*Қоидаи 98*

1. Кори ба маҳбусон таъминшуда бояд аз руи имконият он чуноне бошад, ки он ба онҳо ихтисос диҳад ва ё ихтисоси мавҷударо такмил диҳад, то ки онҳо пас аз озод шудан, имконияти машғул шудан ба меҳнати бовиҷдонона дошта бошанд.
2. Маҳбусоне, ки аз ин фоида гирифта метавонанд, махсусан хурдсолон, бояд ба ҳунарҳои фоиданок фаро гирифта шаванд.
3. Маҳбусон бояд имконияти иҷро намудани корро аз руи интихоби худ дошта бошанд, агар он бо интихоби дурусти ҳунар ва талаботи маъмурият ва интизом дар муассисаи дахлдор мутобиқат намояд.

*Қоидаи 99*

1. Ташкил ва усулҳои кор дар муассисаҳои маҳбас бояд бештар ба он корҳое, ки берун аз девор мавҷуданд, наздик бошад, то ки маҳбусон бо чунин тарз ба шароити меҳнат дар озодӣ одат намоянд.
2. Новобаста аз ин, манфиати маҳбусон ва омодагии касбии онҳо набояд ба мулоҳизаи гирифтани фоидаи молиявӣ аз истеҳсолоти маҳбас итоат кунонида шавад.

*Қоидаи 100*

Роҳбари истеҳсолоти саноат ва кишварзиро дар муассисаҳои маҳбас, беҳтар аст, ки ба зиммаи маъмурияти маҳбас вогузор карда шавад, на ба зиммаи пудратчиёни хусусӣ.

Маҳбусоне, ки берун аз назорати маъмурияти маҳбас кор иҷро менамоянд, бояд таҳти назорати доимии кормандони муассисаи маҳбас қарор гиранд. Ба истиснои ҳолатҳое, ки маҳбусон барои дигар муассисаҳои давлатӣ корро иҷро менамоянд, корфармоён ба маъмурияти маҳбас бояд музди меҳнати пурраро, ки барои кори дахлдор мутобиқат менамояд, бо дарназардошти самаранокии меҳнати маҳбусон, пардохт намояд.

*Қоидаи 101*

1. Қоидаҳои ба бехатарӣ ва ҳифзи саломатии кормандони озод тааллуқдошта бояд дар муассисаҳои маҳбас низ татбиқ карда шавад.
2. Дар ҳолати маъюбӣ ва ё бемориҳои касбии маҳбусон дар истеҳсолот, ба маҳбусон бояд ҷубронпулӣ пардохт карда шавад. Шароити ин ҷубронпулиҳо набояд аз шароити ҷубронпулии дар қонун нисбат ба кормандони озод пешбинишуда номусоидтар бошад.

*Қоидаи 102*

1. Давомияти аз ҳама зиёди рузи корӣ ва ё ҳафтаи корӣ, аз тарафи қонунгузорӣ ва ё дар асоси қарорҳои маъмурӣ, бо дарназардошти қоидаҳои маҳалӣ ва расму оинҳо дар самти шароити меҳнати кормандони озод муқаррар карда мешавад.
2. Вақти корро чунин тақсим намудан лозим аст, ки маҳбусон ақалан як рузи истироҳат дар як ҳафта дошта бошанд ва дорои вақт барои таълим ва дигар намудҳои фаъолияти барои аз нав тарбия намудани онҳо зарурӣ бошанд.

*Қоидаи 103*

1. Барои меҳнати худ маҳбусон бояд подошпулии бовиҷдононаро дар доираи низоми мавҷуда гиранд.
2. Мутобиқи ин низом, маҳбусон бояд имконияти сарф намудани ақалан як қисми маблағи кор кардаи худро барои ба даст овардани ашёҳои шахсии иҷозатдодашуда ва равон намудани қисми дигари онро ба оилаи худ дошта бошанд.
3. Ин низом инчунин, бояд пешбинӣ намояд, ки як қисми маблағи аз тарафи маҳбус кор кардашуда бояд ба нигоҳдорӣ дар маъмурияти маҳбас боқӣ монад, ки онро бояд пас аз озод шуданаш ба даст гирад.

**Таълим ва истироҳат**

*Қоидаи 104*

1. Ба ҳамаи маҳбусоне, ки қобилияти аз он гирифтани фоидаро дорад, бояд таълими минбаъда таъмин карда шавад, аз ҷумла тарбияи динӣ дар давлатҳое, ки он иҷозат дода мешавад. Таълим додани маҳбусони бесавод ва маҳбусони хурдсол бояд ҳатмӣ ҳисобида шавад ва маъмурияти маҳбас бояд ба он аҳамияти ҷиддӣ диҳад.
2. Таълим маҳбусонро аз руи имконият бояд ба низоми таълими дар давлат амалкунанда пайвастан лозим аст, то ки маҳбусони озодшуда тавонанд минбаъд низ бе душворӣ таълими худро давом диҳанд.

*Қоидаи 105*

Дар ҳамаи муассисаҳои маҳбас ба маҳбусон бояд имконияти истироҳат ва фаъолияти фарҳангӣ ба манфиати саломатии ҷисмонӣ ва рӯҳии онҳо дода шавад.

**Алоқаи иҷтимоӣ ва парасторӣ пас аз озодшавӣ**

*Қоидаи 106*

Аҳамияти махсус ба нигоҳдорӣ ва мустаҳкамнамоии алоқа байни маҳбус ва оилаи вай дода шавад, ки он ба хоҳишмандон пешниҳод карда мешавад ва ба манфиати ҳар ду тараф хизмат менамояд.

*Қоидаи 107*

Аз ибтидои адонамоии муҳлати ҳабс бояд дар бораи ояндаи маҳбус фикр карда шавад, ки вайро пас аз озодшавӣ интизор аст. Барои ин вайро ҳавасманд намудан лозим аст, инчунин вайро дастгирӣ намудан ва барои мустаҳкам намудани алоқа байни шахсон ва ё муассисаҳои берун аз девори маҳбас қарордошта, ки барои воридшавии вай ба ҳаёти ҷомеа мусоидат менамоянд ва манфиатҳои беҳтари оилаи вайро ҳифз менамоянд, кумак намудан лозим аст.

*Қоидаи 108*

1. Хадамоти ҳукуматӣ ва ё дигар хадамотҳо ва ташкилотҳое, ки ба маҳбусони озодшуда барои ёфтани ҷои худ дар ҷомеа кумак мерасонанд-дар он ҷое, ки ин

имконпазир ва зарур аст-бояд дар бораи он ғамхорӣ намоянд, ки чунин маҳбусон ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва шаҳодатномаи муайянкунандаи шахсиятро ба даст оваранд, ҷои зисти мувофиқ ва кор пайдо намоянд, либоси барои иқлими мазкур ва вақти сол мутобиқ ва кофиро дошта бошанд ва дорои маблағе бошанд, ки бо он тавонанд ба ҷои таъиншудаи худ ва барои ҳаёт дар давоми даврае, ки пас аз озод намудани онҳо меояд, дошта бошанд.
2. Намояндагони аккредитатсияшудаи чунин ташкилотҳо бояд имконияти заруриро барои боздид намудан аз муассисаҳои маҳбас ва шахсони дар он ҳабсшуда дошта бошанд. Бо онҳо бояд дурнамоии минбаъдаи ҳаёти маҳбусон аз оғози муҳлати ҳабси онҳо машварат карда шавад.

3. Хуб мешуд, ки фаъолияти ин гуна ташкилотҳо дар асоси муттамарказ ва ё муттаҳидшавӣ дар доираи имконият гузаронида шавад, то ки самаранокии аз ҳама бештари истифода бурдани кори онҳо таъмин карда шавад.

## B. Маҳбусони дорои бемории руҳӣ ва ё вазъияти вазнини саломатӣ

*Қоидаи 109*

1. Маҳбусоне, ки ҷавобгарии ҷиноятиро адонакунанда ба ҳисоб меравconfigured ва ё ба онҳое, ки баъдтар бемории ҷиддии руҳӣ ва ё вазъияти вазнини саломатӣ ташхис карда шудаанд, ки барои онҳо будубоши минбаъда дар шароити маҳбас маънои бадтаршавии вазъи саломатии онҳоро дорад, набояд дар муассисаҳои маҳбас нигоҳ дошта шаванд ва бояд чораҳо барои ҳар чӣ зудтар интиқол додани онҳо ба клиникаҳои бемориҳои руҳӣ андешида шавад.
2. Дар ҳолати зарурӣ дигар маҳбусони дорои бемории руҳӣ ва ё вазъияти вазнини саломатӣ метавонанд таҳти назорат бошанд ва табобатро дар муасисаҳои махсусгардонидашуда, таҳти назорати мутахассисони боихтисоси тиббӣ гузаронанд.
3. Хадамоти тиббӣ бояд табобати руҳии ҳамаи маҳбусони ба ин намуд табобат эҳтиёҷдоштаро таъмин намояд.

*Қоидаи 110*

Аз руи созиш бо муассисаҳои ваколатдор, хуб мешуд, агар ин зарур бошад, чораҳо барои таъмини ғамхории руҳӣ аз болои маҳбусони озодшуда, баробар ба парастории иҷтимоӣ-руҳӣ аз болои онҳо андешида шавад.

## C. Шахсоне, ки таҳти ҳабс қарор доранд ва ё судро мунтазиранд

*Қоидаи 111*

1. Шахсоне, ки ҳабс карда шудаанд ва ё дар маҳбас бо гуноҳи содир намудани ҷиноят қарор доранд ва ё дар минтақаҳои милитсия ва ё дар муассисаҳои маҳбас нигоҳ дошта мешаванд (дар тавқифгоҳҳои тафтишотӣ), вале ҳоло ба суд даъват ва маҳкум нашудаанд, дар қоидаҳои дар поён овардашуда «маҳбусони таҳти тафтишбуда» ҳисобида мешаванд.
2. Маҳбусони таҳти тафтишбуда бегуноҳ ба ҳисоб мераванд ва бояд ба онҳо ба таври дахлдор муносибат карда шавад.
3. Бе расонидан зарар ба меъёри қонуне, ки ба ҳифзи озодии шахсӣ таалуқ дорад ва ё расмиёти муносибат бо маҳбусони таҳти тафтишбударо пешбинӣ менамояд, нисбати ин маҳбусон бояд реҷаи махсус, ки дар қоидаҳои минбаъда ифода ёфтааст ва танҳои талаботҳои асосии ин реҷа дар поён шарҳ дода шудааст, татбиқ карда шавад.

*Қоидаи 112*

1. Маҳбусони таҳти тафтишбударо бояд аз маҳкумон ҷудо нигоҳ доштан лозим аст.
2. Маҳбусони ҷавонеро, ки таҳти тафтишот қарор дорад, бояд аз калонсолон алоҳида нигоҳ дошта шаванд ва умуман дар муассисаҳои алоҳида.

*Қоидаи 113*

Шабона маҳбусони таҳти тафтишот қарордоштаро бояд як нафарӣ дар манзилҳои алоҳида ҷойгир намудан лозим аст, вале бояд хусусияти маҳал, ки тавзеҳдиҳандаи шароити иқлимӣ мебошад, ба назар гирифта шавад.

*Қоидаи 114*

Вақте ки ин тартиби дар муассисаи дахлдор қабулшударо вайрон намекунад, ба маҳбусони таҳти тафтишбуда, агар онҳо хоҳиш дошта бошанд, гирифтани ғизоро аз дигар тараф аз ҳисоби шахсии онҳо ва ё тавассути мақомоти маъмурияти маҳбас ва ё тавассути аъзои оилаи онҳо ва ё дустон иҷозат додан мумкин аст.

*Қоидаи 115*

Маҳбусони таҳти тафтишбуда ҳуқуқи дар бар намудани либоси шахсии худро доранд, ба шарте, ки он тоза нигоҳ дошта шавад ва хусусияти муносибро доро бошад. Агар маҳбуси таҳти тафтишот қарордошта либоси расмии маҳбасро пушида бошад, пас он бояд аз либоси расмии маҳкумшудагон фарқ намояд.

*Қоидаи 116*

Ба маҳбусони таҳти тафтишбуда ҳама вақт имконияти меҳнат намудан бояд дода шавад, вале кор ба уҳдадориҳои вай ворид карда намешавад. Агар чунин маҳбус кор кардан хоҳад, пас меҳнати вай бояд пардохт карда шавад.

*Қоидаи 117*

Ҳамаи маҳбусони таҳти тафтишбуда бояд имконияти ба даст овардани китобҳо, рузномаҳо, лавозимоти хаттӣ ва дигар ашёҳоро аз ҳисоби шахсии худ ва ё аз ҳисоби шахси сеюм дошта бошанд, ки он барои гузаронидани вақт имконият медиҳад, ба шарте ки онҳо бо манфиати равоннамудани адолати судӣ, талаботи бехатарӣ ва тартиботи дар муассисаи дахлдор қабулшуда мутобиқат менамоянд.

*Қоидаи 118*

Ба маҳбусони таҳти тафтишбуда бояд иҷозати истифода намудан аз хизмати духтури шахсӣ ва ё духтури дандон дода шавад, ба шарте ки хоҳиш асоснок пешниҳод карда мешавад ва агар онҳо қобилияти пушонидани хароҷоти ба он вобастабударо дошта бошанд.

*Қоидаи 119*

1. Ҳар як маҳбаси таҳти тафтишбуда ҳуқуқи фавран огоҳ шудан дар бораи сабаби дастгир шудани вай ва дар бораи дилхоҳ гуноҳи ба вай пешниҳодшавандаро дорад.
2. Агар маҳбуси таҳти тафтишбуда адвокатро аз руи интихоби шахсии худ надошта бошад, пас вай бояд ҳуқуқ ба адвокати аз тарафи суд ва ё дигар мақомот дар ҳама ҳолат таъиншударо, вақте ки инро манфиати адолати судӣ талаб менамояд ва бе пешниҳоди маблағ аз тарафи маҳбуси таҳти тафтишбуда, агар вай дорои воситаҳои пулии кофӣ набошад, дошта бошад. Рад намудани дастрасӣ ба адвокат бояд фавран аз тарафи мақомоти мустақим баррасӣ карда шавад.

*Қоидаи 120*

Ҳуқуқҳо ва шартҳои батанзимдарорандаи дастрасии маҳбуси таҳти тафтишбуда ба адвокати худ ва ё шахсе, ки ёрии ҳуқуқиро бо мақсади ҳимояи худ, пешниҳод менамояд, аз тарафи ҳамон принсипҳое ба танзим дароварда мешаванд, ки онҳо дар қоидаи 61 пешбинӣ шудаанд.

Ба маҳбуси таҳти тафтишбуда аз руи талаботи вай барои омоданамоии ҳуҷҷатҳои ба ҳимояи вай таалуқдошта, аз он ҷумла дастурамали махфӣ барои адвокати вай ва ё шахсе, ки ёрии ҳуқуқиро пешниҳод менамояд, лавозимоти хаттӣ бояд пешниҳод карда шавад.

## D. Маҳбусон аз руи парвандаи граждани̅

*Қоидаи 121*

Дар давлатҳое, ки қонун ҳабс намуданро барои иҷро накардани уҳдадориҳои қарзӣ пешбинӣ менамояд ва ё бо супориши судя бо дилхоҳ парвандаи дигари ғайриҷиноятӣ, шахсоне, ки бо чунин тартиб ҳабс шудаанд, набояд гирифтори маҳдудиятҳои бештар ва ё муносибатҳои қатъитар, назар ба оне, ки барои нигоҳдории назорат ва тартиботи дахлдор зарур аст, гарданд. Муносибат бо чунин намуди шахсон бояд на камтар аз муносибат бо маҳбусони таҳти тафтишбуда бошад, вале метавонад меҳнат намудани онҳо ҳатмӣ бошад.

## E. Шахсоне, ки бе пешниҳоди гуноҳ дастгир шудаанд ва ё таҳти ҳабс қарор доранд

*Қоидаи 122*

Бе расонидани зарар ба муқаррароти моддаи 9 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ[29], ба бе пешниҳоди гуноҳ дастгиршудагон ва ё таҳти ҳабс қарор гирифтагон ҳамон ҳимояе пешниҳод карда мешавад, ки он ба шахсон аз руи қисми I ва фасли C қисми II қоидаҳои мазкур пешниҳод шудаанд. Муқаррароти дахлдори фасли A қисми II қоидаҳои мазкур инчунин дар ҳолатҳое, татбиқ мегардад, ки татбиқи он ба гуруҳи махсуси шахсон метавонад фоида биёрад, ба шарте, ки чораҳое татбиқ карда намешаванд, ки онҳо дар назар доранд, ки усулиислоҳнамоӣ ва ё аз навтарбиякунӣ нисбати он шахсоне татбиқ мешавад, ки онҳо барои ягон содир намудани ҷиноят маҳкум нашудаанд.

[29] Ниг. ба қатъномаи 2200 A (XXI), замима.